# 1 МАРТ ҲАМА БА ИНТИХОБОТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 3-4 (127-128) 28-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2020, ҶУМЪА



Интихобот ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон буда, ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад.

Интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо мекунад.

Мо чун ҳамеша ҷонибдори ба таври шаффоф ва ошкоро баргузор шудани маъракаи интихобот ҳастем ва ман ҳамчун ҳомии Конститутсия, қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони мамлакат бо масъулияти баланд ва эътимоди комил кафолат медиҳам, ки интихоботи дарпешистода ба таври демократӣ ва озоду одилона баргузор хоҳад шуд.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ИЛМӢ ФАРХУНДА БОД! с. 2

ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА И ОКРУЖАЮЩУЮ СРЕДУ с. 5

ОВОЗДИҲИИ ПИНҲОНӢ – КАФИЛИ ИНТИХОБОТИ ШАФФОФУ ДЕМОКРАТӢ с. 6

ИНТИХОБОТ – УМЕД БА ОЯНДАИ НЕК с. 8

ОИЛАИ СОЛИМ – ҶОМЕАИ СОЛИМ с. 13

АРТИШИ МИЛЛӢ – ҲОМИИ СУЛҲУ СУБОТИ ВАТАН с. 14

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА с. 15

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА

Муҳаррир:
Некрӯз САФАРЗОДА

Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Имомзода М. С.
вазири маориф ва илми ҶТ, академики АИ ҶТ;
Хушвахтзода Қ.Х.
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ректори ДМТ,
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 939-25-98-28. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# 27 СОЛИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ



Санаи 22 феврал дар Кохи Борбад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст тамоми ҳайати шахсии чузъу томҳои ҳарбӣ ва кулли шаҳрвандони кишварро бо санаи мухими таърихӣ 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфтанд.

Сарвари давлат оид ба таърихи 27 соли таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳ, аз имтиҳону озмоишҳои сахту сангин гузаштану ба як сохтори муташаккилу боэътимод ва неруи пуркудрати ҳимоятгари давлат ва халқи Тоҷикистон табдил ёфтанаш андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори муқовимати мусаллаҳонаи дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарзи фарзандии худро дар назди Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона иҷро карда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, яъне қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмини сулҳу субот ва мубориза бар зидди гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ саҳми босо арзишманд гузоштанд.

Дар охир Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар тамоми ҳайати шахсии чузъу томҳои низомии мамлакатро ба ифтихори бисту хафтсолагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани соҳибистиқлоламон рӯҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу карданд.

Ҷамъомади идонаро барномаи рангину пурмухтавои консертӣ бо иштироки аҳли ҳунару фарҳанги кишвар шукуҳи тоза бахшид, ки тухфаи арзандае барои афсарону сарбозони содиқи ҷумҳурӣ мебошад.

**khovar.tj**





# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ИЛМӢ ФАРХУНДА БОД!







Мояи ифтихор ва фараҳбахшист, ки ҳайати устодони унвондор дар факултет дар ҳоли афзудан қарор дорад. Онҳо бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии мамлакатро пурғановат менамоянд. Аз ҷумла, санаи 21 феврали соли 2020 декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ» сарбаландона ҳимоя намуд.

Аз ин лиҳоз, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи илму маърифат Раҳмон Дилшод Сафарбекро бо ин дастоварди арзишмандаш самимона табрик намуда, ба эшон камолоти муваффақона, рӯзгори хушу осуда ва дастовардҳои нав ба навро дар соҳаи илм таманно менамоянд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИРОВ**

# УНВОНИ ПРОФЕССОРӢ МУБОРАК!







Саҳм гузоштан дар пешрафти илм, таълим ва тарбия басо кори душвору пурмашаққат аст. Хушбахтона дар ҷомеа ҳастанд нафароне, ки новобаста аз мушкиливу роҳи душвор доштани пайроҳае онро тасхир менамоянд ва бузургии эшон низ дар ҳамин аст. Ин шахс омӯзгорест, ки ба қавле худ чун шамъ месӯзад, вале роҳи муваффақияту комёбиҳои бузургро барои шогирдонаш равшан менамояд. Албатта, чунин нафарони саодатманд ва омӯзгорони асил бе мукофоти амал нахоҳанд монд. Ҷои ифтихор ва шарафи азимест, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, алалхусус факултети ҳуқуқшиносӣ чунин омӯзгорон ба фаъолияти илмиву таълимӣ машғуланд. Заҳматҳои эшон дар ин роҳи пурэҷоз аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ва садорати факултет ба назар гирифта шуда, устодони соҳибтаҷриба бо мукофотҳо ва унвонҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд. Бо баинобатгирии ин заҳмату талошҳо ба як зумра устодони собиқадор ва солори факултет – Ямоқова Зумрад Додоҷоновна, Имомов Ашурбой Имомович, Абдуллоев Неъмат аз ҷониби роҳбарияти ДМТ унвони илмии профессори кафедра тақдим гардид.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи илму маърифат Ямоқова З.Д., Имомов А.И. ва Абдуллоев Н.-ро бо ин дастоварди арзишмандашон самимона табрик намуда, ба эшон рузгори хушу осуда ва дастовардҳои нав ба навро дар соҳаи илму таълим таманно менамоянд.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ҚАДРДОНИИ УСТОДОН БО МУКОФОТҲОИ СОҲАВӢ



Дар доираи ҳамкориҳои илмию таълимии Донишгоҳи миллӣ бо Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (ТИКА) дар Шаҳраки донишҷӯён толори калони зебову барҳаво барои баргузор намудани чорабиниҳои сатҳи милливу байналмилалидошта кушода шуд. Дар ифтитоҳи он, ки санаи 21.02.2020 доир гардид, намояндагони Агентии ТИКА дар шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии сафири Ҷумҳурии Туркия дар ҶТ ҷаноби Алӣ Рафъат Куксал иштирок доштанд.

Баъд аз боздид меҳмонон бо устодону донишҷӯёни донишгоҳ дар толори мазкур дар чорабинии фарҳангие, ки бахшида ба 27-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ доир гардид, иштирок намуданд.

Дар оғози чорабинӣ ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ташрифи меҳмононро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, ифтитоҳи толори мазкурро иқдоми нек дар самти рушди ҳамкориҳо унвон намуд. Мавсуф дар идомаи суханронӣ ҳайати афсарону донишҷӯёни кафедраи ҳарбии донишгоҳро ба муносибати 27-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ табрик гуфта, дар робита ба ҳифз доштани дастовардҳои даврони Истиқлолият ва сулҳу суботи кишвар суханронӣ кард.

Сипас сафири Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Алӣ Рафъат Куксал дар самти ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, таълимию тарбиявӣ, ташкили ҳамоишҳои илмию назариявӣ ва муносибатҳои дипломатии ду кишвар – Тоҷикистону Туркия суханронӣ намуда, аз ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия изҳори сипос намуд.

Дар идомаи чорабинӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдор ба роҳбарияти сохторҳои гуногуни донишгоҳ рутбаҳои зерин дода шуд. Ба ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. рутбаи «Майори эҳтиётӣ», ба муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Хоҷазода Т.А. ва сардори Раёсати таълим Азиззода У., ва ба декани факултети ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С., рутбаи «Капитани эҳтиётӣ», ба мудири шуъбаи таъминоти ҳуқуқии донишгоҳ Муминзода Н.И. ва ёрдамчии ректори донишгоҳ Р.Ғаниев рутбаи «Лейтинанти хурд» дода шуд.

Ҳамзамон, дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо бо «Ифтихорнома»-и ДМТ ва чанде аз афсарони кафедраи ҳарбии донишгоҳ бо «Ифтихорнома»-и ДМТ ва мукофотпулӣ қадрдонӣ шуданд.







**Абдураҳим ХОЛИҚЗОДА**
**д.и.х., профессор**

# СОҲИБИХТИЁРИИ ХАЛҚӢ ВА ДАВЛАТӢ: ТАНОСУБИ ОЗОДИҲОИ БОТИНӢ ВА ЗОҲИРИИ ДАВЛАТ

## (БАХШИДА БА 25 СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОН)

**Ба қавле озодӣ тимсоли шабаҳи ҷин аз кӯзаи андешаи мардуми ғайрифарҳангӣ берун ҷаста, шабаҳи ӯ шишаи низоми идораи демократиро шикаста, рӯ ба майдони сиёсат задааст, ки содиқону муҳиббони худро дар ҳолати гурез аз худ (ишора ба «Бегство от свободы» Э. Фром ниг: Фром Э. Бегство от свободы. М., 2016. - 288с.) қарор дода, фарҳангҳои оламро, ки намунаи зебоии табиати ҳастии инсонанд, бо олудасозии рангҳо ба ҳолати мунокишаи тамаддунҳо (С. Ҳангтинтон) кашида, сиёсати ҳикматомези идораи фарзандони махлуқи бошуур – инсонро дар сатҳи байналмилал ба мубоизаи тахтаи шоҳмот (З. Бжезинский) табдил дода, ояндаи инсониятро тира (назарияи «Анҷоми таърих»-и Ф. Фукуяма) гардонида, офарандаи таърихро тобеи офаридаҳои худ намуда, ҳикмати маҳдудияти инсонро дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ (К. Маркс), иқтисодӣ (Г. Ф. Хайек) собит сохта, назарияи ҳанӯз ҳам тобеъ будани иродаи инсонро ба савқи табиӣ (дар кунгураи дидгоҳи Ч. Дарвин ва Азозили илоҳӣ) муаррифӣ менамояд.**

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

**Озодӣ ба сони олиҳа, тимсоли маъшуқае вонамуд мегардад, ки ҳама ӯро мехоҳанд, ҳама ба сӯи ӯ метозанд, вале ин маъшуқаи худро озод аз бандҳо намуда, хеле қашанг маҷнунҳои худро қурбон менамояд.**




Дарвоқеъ, ин зебосанами дилрабои мафкура, ин олиҳаи мадҳушкунандаи эътимод ва малоикаи умед бо ҳама дилкашию дилрабоӣ ва мафтуниаш эҳтимол аз хунхортарин арзишҳои мафкураи инсонӣ бошад, ки ба хотири зуҳури арзандааш насли инсонӣ дар масири таърихи ташаккули худ аз ҳама бештар қурбониҳо намудааст. Ин зебосанами дилкашу дилрабо дар тори нозуки кашишҳо ва хостаҳои мафкуравии мо бозӣ намуда, барои бузургтарин омили ҳастии ҳуқуқии инсон –ирода, паҳнои ҷавлон – амал муҳайё намуда, моро шинам ва қашанг ба доми худ мекашад.

Вай ба он дараҷа нозук, зебо ва дилкаш аст, ки иддае аз онҳое, ки варо дастрас менамоянд аз лаззати муҳаббаташ ва ҳастиаш ҳама дигар арзишу неъмат ва сарҳадҳоро фаромӯш мекунанд; дигарон накҳати ӯро дарк намуда, аз ҳолати мадҳушии мафкуравӣ худро ба қаъри ҷангали хаёлоти афсонавӣ ҳавола медиҳанд; сеюмиҳо доимо дар ҷустуҷӯи ӯ буда, роҳи ӯро пайдо наменамоянд, зеро рӯшноии ҳусн ва гармии муҳаббаташ онҳоро ба тангкӯчаҳои мухталиф сарсон кардааст; ҷорумиҳо бошад, онро фаромӯш карда худро дар ҳолати ғуломӣ задаанд; панҷум гурӯҳ ин неъматро эълон намуда, ҳифзи арзандаи онро бо қонун фаромӯш карда масъулият ва вазифаҳоро дар зиндони низоми идора маҳбус сохта ва ғ.ҳ. Пас бо ӯ будан мушкил асту бе ӯ мавҷуди арзанда шудан мушкилтар...

Ва ин аст, ки одамон қарнҳо ин ҷониб ба сӯи ӯ ҳаракат мекунанд ва ба вай чун манбаи умед назар менамоянд, вале ҳар дафъа дар баробари лаззатҳои маънавӣ ва моддиашон иддае аз онҳо қурбониҳои муайянро бар дӯш мегиранд. Чаро? Чунки ҳама хостаю талаботи ин гурӯҳ аз ин олиҳаи олӣ ҳамеша олудаи ғаразҳо будааст. Ин аст, ки ин олиҳа низ ба ин қаҷрафторон ба қадри ҳиммати хоҳишашон аҷр медиҳад, вале ба ҳамон миқдор ҳастии онҳо ва насли ояндаашонро талху бемаънӣ мегардонад. Ин норасоӣ то ба ҳанӯз мероси ирсии халқу миллатҳои мухталиф гаштааст. Озодии ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ чунин рафтори субъективию ғаразмандро дар сатҳи ҷомеа ва давлатҳо мақбул надорад.

**Ба озодии ҳуқуқӣ сарҳади устувори қонун ва муҳаббати беолоишу беғарази фардҳо ва иттиҳодияҳо лозим аст.**

Инсон минбаъд низ дар роҳи расидан ба озодии асл ба мушкилиҳо мувоҷеҳ мегардад, агар кӯшишҳои худро дар дарёфти вай аз роҳи хирад роҳандозӣ нанамояд ва хатти тиллоии сарҳади онро дар паҳнои манфиатҳои фардӣ ва иҷтимоӣ мутавозин дар доираи қонун муқаррар нанамояд. Вай ба касе ва гурӯҳе, шахси оддию мансабдоре, давлатею тамаддуне ҳамчун унсури вижае меросӣ нест, ӯро мумкин нест, ки иҷборан дар сарҳаде бандубаст карда ба мардуми муайяне интиқол дод, балки вай сифати ҳастии арзандаи мардуми хирадманду донишманду рушдкардаи олам аст, ӯ худро ба танҳо ва танҳо дар ҳамин паҳнои мусоиди фарҳангӣ орому ботамкин эҳсос менамояд. Ӯ муҳаббати хирадмандонаи ҳамаи инсонҳоро якхел мехоҳад, зеро вай аз азал мансуби ҳама буд ва чун олиҳа барои ҳама ҳамчун рукни ҳастии ҳар инсон тааллуқ дорад. Вай намехоҳад, ки ин рисолати ӯро халалдор созанд ва қудрати некии ӯро маҳдуд, он тавре ки имрӯз ғарбиён варо маҳсули заҳмати фикрӣ ва амалӣ-сиёсии худ донистаанд.

Зеро инсон ҳам аз як ҷониб бо дастрасӣ бо он худро комилу саодатманд эҳсос менамояд, мақому манзалати озодӣ низ дар навбати худ дар саодати ҳар фард ва ҷомеи ҷаҳонӣ яксар баста аст. Озодӣ қисмати муҳими ҳастии хирадмандонаи мо, ҷузъи аслии ҳуқуқи инсон, қисмати муҳим ва вобасти уҳдадорию масъулияти инсон аст, ки дар ҳарими ҳарами виҷдон ва инсоф дар мизони хирад ҷавлони арзандаи созанда мезанад. Умр ва сифати давлат ба андешаи олимони сатҳи ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад аз ҳамин "озодии даркшаванда ва худшинос" (Г.В. Ф.Гегель). Маҳз дар ҳамин сифат вайро бояд қабул карда, мақомашро дар дилу тафаккур ҷой бояд намуд. Варо ҳамчун ҳолати ҳастии инсон дар сарҳади адолат ва ҳуқуқҳо, масъулият ва уҳдадориҳо ба сони нахустин нақӯкирдори ҳаёти иҷтимоӣ ва эътирофгари манзалати инсонӣ қабул ва эътироф бояд кард... Танҳо бо чунин муносибат ин олиҳаи зебои Озодӣ моро аз неруи оламгири худ ғизои мусбат биниҳо ҳамоиш ва ҳамоҳангии онҳо дар кори саодати аслии инсон бояд авлавият касб намояд.

Дин ва эътиқод бояд кори шахсии ҳар инсон буда, (моддаи 26 Конститутсия), олудасозии он бо сиёсат ва ғаризаҳои шахсию гурӯҳӣ дар асоси талаботи дунявияти конститутсионӣ (талаботи моддаи 1 Конститутсия) қатъиян пешгирӣ гардад.

Давлат дар масири таърих аз қаъри пур аз печидагию олудагиҳои нафсонӣ ва манфӣ ҳамчун фарзанди баркамоли сиёсат убур карда, вобаста ба шароит ҳамсони хиради инсонӣ барои такмили худ навъҳои зуҳури мебахшад. Вале, мутаассифона мафкураи мо то ҳанӯз дар ин ҷода бо иртибот бо тамоюли ҷаҳонишавии манфиатҳо мушкилиҳои ҷиддӣ дорад.

Ин ҳолати печидагӣ вазъи муҳандисони фикрии замони навро аз вазъи пешгузаштагони худ бамаротиб мураккабу мушавваш гардонида, масофаи илмии шинохти табиати ҳуқуқро дар **ФОРМУЛАИ «ҲУҚУҚ БОЯД ЧӢ ГУНА БОШАД?» (Фуллер) ва «ҲУҚУҚИ ВОҚЕӢ ЧӢ ГУНА АСТ?» (Ф.** Бекон, Г.Харт) хеле ва хеле душворгузар кардааст.

Аммо бо вуҷуди ин ҳама мушкилиҳо, вазъият ҳанӯз ҳам ислоҳшаванда аст. Зарур аст, ки илмҳои ҷамъиятӣ ба моҳияти буҳрони фурӯрехта дар ҳамбастагӣ муносибат намоянд, зеро ин буҳрони таҳти амвоҷи флуктуатсионии оламӣ (назарияи П. Сорокин) қарордошта танҳо иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ набуда, он тавассути махлути ҷаҳонишавии манфиатҳо дар паҳноҳои гуногун сар задааст. Дар ин вазъият ба мақсад мувофиқ аст, ки арҷгузории навъҳои ҷаҳонбинӣ дар фазои рақобати озоди илмӣ таъмин карда шаванд ва вазифаҳои аслии шохаҳои мафкураи инсонӣ дуруст роҳандозӣ шуда, дину ахлоқ ба тарбияи ботинии инсон машғул ва ҳуқуқу сиёсат ба шаклгирии зоҳирии ҳаёти арзандаи фардӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шавад. Дар ин раванд ҷойи муқобилгузории ҷаҳоншоистаро ҷустуҷӯ менамояд ва бо гузашти айём рӯзгори пешини худро инкор карда, шаклу усулҳои навро қабул менамояд, аммо динҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ, ки қолаби худро дар мафкураи пайравони худ устувор кардаанд, зотан аз ин ислоҳоти даврӣ аз бисёр ҷиҳат маҳруманд.

**Пас, ҳифзи тозагӣ ва беолоиш нигоҳ доштани арзишҳои динӣ аз ҳама ғаризаҳо дар паҳнои бовариии ботинӣ ба сони арзишҳои умда, ки дар сарчашмаҳои аслии динӣ борҳо таъкид шудааст, беҳтарин воситаи ҳифзи муназзамии ҳаёти фардӣ ва иҷтимоӣ аст. Ҳимояи ин тозагӣ аслан бар уҳдаи давлат не, балки бар уҳдаи худи мардуми диндор аст ва давлат барои ин танҳо шароит фароҳам меорад. Давлати демократӣ ба озодиҳо таъсир намерасонад, балки барои зуҳури онҳо шароит фароҳам меорад, паҳнои онҳоро бо қонун муқаррар менамояд ва масъулияти атрофро барои риояи онҳо таъмин месозад.**

**(Идома дорад.)**

**Впоследние годы большинство стран мира озабочены последствиями изменения климата, заметно увеличивается отрицательное влияние изменения климата на состояние окружающей среды. Изменение климата превращается в глобальный вопрос. В Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли 26 декабря 2019 года этому вопросу было обращено серьёзное внимание ученых страны. В нем была поставлена перед Академией наук РТ задача - сотрудничать с учеными других стран с целью проведения исследования в направлении последствий изменения климата.**



Саидумар РАДЖАБОВ
профессор

# ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА И ОКРУЖАЮЩУЮ СРЕДУ

Проведению международного и регионального сотрудничества государств в области изменения климата и его влияния на окружающую среду требуют многие факторы: экологического, техногенного, экономического и политического характера. Ниже рассмотрим, как эти факторы настоятельно требуют развитию международного и регионального сотрудничества в указанной области.

**Факторы экологического кризиса представляют собой нарушение равновесия в природных системах между их составными частями:** водой, воздухом, почвой, животным и растительным миром, человеком и его деятельностью. Поскольку в природе все взаимосвязано, нарушение одного компонента (например, истощение водных запасов) неизбежно приводит к изменению других (иссушение и похолодание климата, изменение почв и видового состава организмов).

Атмосфера Земли считается глобальным природным ресурсом, являющимся достоянием всего человечества. Возможно, самая ранняя форма загрязнения связана с загрязнением воздуха. По оценкам ВОЗ, более 7 миллионов человек умирают ежегодно от болезней, связанных с загрязнением воздуха, что делает его самым крупным отдельным экологическим риском для здоровья.

Все составляющие компоненты природной среды взаимосвязаны, и изменение состояния одного природного объекта неизбежно влечет за собой изменение состояний других объектов и ресурсов. Так, загрязнение морской и водной среды неотвратимо ведет к нанесению ущерба, а порой и к гибели водных животных и растений; обезлесение – к изменению гидрологического режима. Все государства обязаны предотвращать новые формы загрязнения воды, которые могли бы привести к серьезному ущербу на территории других государств бассейна. В соответствии с Конвенцией по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер (1992г.) все стороны должны принять надлежащие меры для предотвращения, контроля и снижения любого значительного



неблагоприятного воздействия на окружающую среду в результате изменения условий в трансграничных водах, вызванного деятельностью человека. Такие воздействия на окружающую среду включают воздействие на здоровье и безопасность человека, флору, фауну, почву, воздух, воду, климат, ландшафт, а также воздействие на культурное наследие.

Кроме того, изменение состояния природного объекта на территории одного государства затронет природные объекты и на территории других, чаще всего соседних, государств. Государства стремятся ограничивать и, насколько это возможно, постепенно сокращать и предотвращать загрязнение воздуха, включая трансграничное загрязнение воздуха на большие расстояния.

Рамочная конвенция ООН об изменении климата (1992 г.) и Парижское соглашение по климату (2015 г.) поставили единую цель: добиться стабилизации, а затем уменьшения выброса парниковых газов в атмосфере на уровне, который предотвратит опасное антропогенное вмешательство в климатическую систему. И такой уровень должен быть достигнут во временных рамках, достаточные для того, чтобы экосистемы могли естественным образом адаптироваться к изменению климата, чтобы не было угрозы для производства продуктов питания, и чтобы устойчивое развитие экономики продолжалось. По данным ООН среди стран мира по эмиссии $CO_2$ на душу населения в тоннах за год Таджикистан занимает 171-е место.

**Факторы техногенного характера. Особенно отчетливо это свойство проявляется при загрязнении атмосферного воздуха и водных объектов.** Наиболее известным фактом, подтверждающим данное положение – это авария на Чернобыльской АЭС (1986 г., Украина), утечка радиации в результате землетрясения на атомных станциях «Фукусима-1» и «Фукусима-2» (2011 г., Япония). В результате этих аварий в ряде районов земного шара были обнаружены радиоактивные элементы, в частности изотопы йода и цезия, в воздухе, морской и питьевой воде, а также в продуктах питания.

Катастрофы техногенного характера могут быть вызвано различными источниками, в том числе судоходством, сбросом в море, деятельностью на морском дне и последствиями загрязнения, возникающего на суше и поступающей в моря. Так, 20 апреля 2010 г. произошел взрыв на нефтяной платформе на берегах Луизианы (США), повредил скважину, из которой начала вытекать нефть. Другой пример, 4 октября 2010 г. произошло разрушение резервуара с токсичными отходами на заводе близ г. Девечер (Венгрия), в результате которого 700 тыс. кубометров «красного шлама» (ядовитые отходы) попали в Дунай, что повлекло нанесение экологического ущерба соседним государствам и т.п.

**Факторы экономического характера связаны с углублением международного разделения труда.** С одной стороны, развитие науки, техники и технологий предлагает экологически более целесообразные способы природопользования: новые виды энергии, транспортных средств, технологических циклов, а с другой – влечет побочные явления в форме новых вредных воздействий, увеличения объема использования природных ресурсов, что порождает необходимость разработки современных международных природоохранительных правил. Соглашения о научно-техническом сотрудничестве предусматривают совместные исследования и разработки, обмен информацией. Особое значение имеет обмен современными технологиями (ноу хау), носящими ресурсо - и энергосберегающий характер (технология капельного орошения). Инвестиции в низкоуглеродное развитие («зеленая экономика»), чистые возобновляемые источники энергии и большую устойчивость к изменению климата - это также инвестиции в сохранение окружающей среды.

Принятие и применение более высоких стандартов в отношении выбросов автомобилей и экономичности двигателей может сократить выбросы короткоживущих загрязнителей климата, таких как сажа и метан. Это может уменьшить глобальное потепление на 0,5 градуса Цельсия к 2050 году. По оценкам исследователей, реформирование глобальных энергетических субсидий может сократить выбросы углекислого газа более чем на 20%. Использование общественного транспорта и стимулирование пешей ходьбы и езды на велосипеде являются также мероприятиями по борьбе с изменением климата.

**Факторы политического характера оказывают влияние на формирование международно-правовой природоохранительной доктрины, к ним относятся:** обеспечение прочного мира и безопасности; снижение локальных военных конфликтов; ограничение гонки вооружений, и в первую очередь нераспространение ядерного оружия.

Ядерное оружие и другие виды оружия массового уничтожения не должны размещаться на орбите вокруг Земли, устанавливаться на небесных телах или размещаться в космическом пространстве, а Луна и другие небесные тела должны использоваться исключительно в мирных целях. Следует избегать вредного загрязнения космических или небесных тел, а также неблагоприятных изменений в окружающей среде Земли в результате попадания внеземных веществ. При исследовании и использовании Луны государства-участники должны принимать меры по предотвращению нарушения существующего баланса ее окружающей среды, будь то путем внесения неблагоприятных изменений в эту среду или путем ее вредного загрязнения в результате введения неэкологических веществ.

*Таким образом, современный экологический кризис ставит под угрозу возможность устойчивого развития человеческой цивилизации. Дальнейшая деградация природных систем ведет к дестабилизации биосферы, утрате ее целостности и способности поддерживать качества окружающей среды, необходимые для жизни. Преодоление кризиса возможно только путем формирования нового типа взаимоотношений человека и природы, исключающих вероятность разрушения и деградации природной среды, повышающих уровень координации действий мирового сообщества и региональных организаций в области решения экологических проблем и регулирования процессов глобализации.*

# ОВОЗДИҲИИ ПИНҲОНӢ – КАФИЛИ ИНТИХОБОТИ ШАФФОФУ ДЕМОКРАТӢ



Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

**Интихоб кардан ва интихоб шудан аз ҷумлаи муҳимтарин ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки дар илми ҳуқуқ бо ибораҳои “ҳуқуқи интихоботии фаъол” ва “ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол” маъмул мебошанд. Барои амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои интихоботӣ қонунгузорӣ як қатор принсипҳоеро муайян кардааст, ки дар сурати пурра ва дуруст риоя шудани онҳо сатҳи интихоботи шаффофу демократӣ дар дилхоҳ кишвар таъмин мегардад. Ҳеҷ соҳаи ҳуқуқро бидуни принсип – таҳкурсӣ ё пойдевори ҳуқуқӣ, поя, реша, замина ва асос тассаввур намудан ғайриимкон аст. Яъне ҳар як соҳа дорои принсипҳое мебошад, ки онҳо оғоз, реша, замина ва асоси ҳуқуқии он махсуб меёбанд.**

Ҳуқуқи интихобот низ аз ҷумлаи падидаҳоест, ки дар он нақши принсипҳо ҳамчун таҳкурсӣ ё зербинои ҳуқуқӣ хеле бузург аст. Принсипҳои интихобот гуфта ғояҳои бунёдӣ, решаҳои заминавӣ, ормонҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои роҳбарикунандае фахмида мешаванд, ки онҳо заминаи низоми интихобот дар ҶТ ба ҳисоб меравад.

Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар интихоботро муқаррар намудааст, ки аз моддаи 3 то моддаи 7-ро дар бар мегирад. Дар м. 3-и Қонуни конститутсионии мазкур номгӯи принсипҳо оварда шуда, дар моддаҳои минбаъдаи қонун мазмун ва мухтавои онҳо то андозае равшан карда шудааст.

Мувофиқи м. 3-и қонун “интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот сурат мегирад, дар он ҳеҷ гуна ҳадди хисоб (квота) муқаррар карда намешавад. Иштирок дар интихобот озод ва ихтиёрӣ мебошад. Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии бавосита бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад ва аз чор як ҳиссаи онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад”.

Тавре маълум мегардад, яке аз принсипҳои интихобот овоздиҳии пинҳонӣ мебошад. Он дар Конститутсияи ҶТ, санадҳои муҳимми байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва қонунгузории амалкунанда таҳкими худро ёфта, кафолат дода шудааст. Принсипи мазкур дар м. 7-и Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин маънидод гаштааст: “Овоздиҳӣ дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пинҳонӣ мебошад. Мудохила ба изҳори иродаи овоздиҳандагон манъ аст”. Қайд кардан зарур аст, ки овоздиҳии пинҳонӣ яке аз принсипҳои муҳимми интихобот буда, шаҳрвандони ҶТ дар интихоботи Президент, мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ба тарзи овоздиҳии пинҳонӣ иштирок менамоянд. Овоздиҳии пинҳонӣ маънои онро дорад, ки ба ҳама гуна назорат аз болои изҳори иродаи овоздиҳандагон роҳ дода намешавад. Принсипи овоздиҳии пинҳонӣ бо андешидани як қатор тадбирҳо таъмин карда мешавад. Аз ҷумла мувофиқи м. 40-и Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар биноҳои овоздиҳӣ ҳуҷраҳо ва дигар ҷойи махсус таҷҳизонидашуда барои овоздиҳии пинҳонӣ омода карда мешаванд. Қуттиҳои интихоботӣ бояд дар ҷои намоён ва дастрас барои аъзои комиссия ва нозирон тавре гузошта шаванд, ки овоздиҳандагон ба назди онҳо хатман аз ҳуҷраҳо ё хонаҳои овоздиҳии пинҳонӣ гузашта раванд. Дар рӯзи интихобот дар дохили хонаи овоздиҳӣ ҳузури шахсони мусаллаҳ ва либоси низомидошта, аз ҷумла кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба истиснои ҳолатҳои барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкунӣ, манъ аст.



**Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, ҳуқуқ дорад ба ҳуҷра ё хонаи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро ғайр аз аъзои комиссияи интихобот, мушоҳидон, намояндагони воситаҳои ахбори омма, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ даъват кунад.**

**Яке аз кафолатҳои муҳимми таъминкунандаи принсипи овоздиҳии пинҳонӣ ин дар бюллетенҳои овоздиҳӣ набудани номи интихобкунанда аст.**

Яъне давлат принсипи овоздиҳии пинҳониро на танҳо бо ташкили ҳуҷраҳои махсус таъмин мекунад, балки баъди дар қуттии овоздиҳӣ партофтан ё ворид кардани бюллетен ин ҳуқуқи шаҳрвандон таъмин карда мешавад. Зеро дар бюллетен ягон маълумот оид ба интихобкунанда – овоздиҳанда ҷой надорад, ки ин бо мақсади таъмин намудани принсипи овоздиҳии пинҳонӣ аст. Илова бар ин, вақте комиссияи участкавӣ овозҳоро ҳисоб мекунад, ҳеҷ гоҳ муайян карда наметавонад ки шаҳрванди мушаххас ба ҷонибдории кадом номзад ё кадом ҳизби сиёсӣ овоз додааст. Комиссияи интихоботӣ танҳо натиҷаи умумии интихоботро муайян мекунад. Мавҷуд будани присипи овоздиҳии пинҳонӣ дар интихобот ва аз ҷониби давлат қатъиян кафолат додани он ба хотири он аст, ки шаҳрванд ҳангоми дар ҳуҷраи овоздиҳӣ қарор доштан воқеан ба номзади арзанда овоз диҳад ва аз касе биму ҳарос надошта бошад. Зеро махфӣ нигоҳ доштани овози додаи шаҳрвандро давлат таъмин намуда, ба ғайр аз худи шаҳрванд дигар касе оид ба изҳори иродаи вай огоҳ шуда наметавонад.

**Принсипи овоздиҳии пинҳонӣ ҳамчун принсипи умумӣ дар тамоми навъҳои интихобот (Президенти ҶТ, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ, вакилони ҷамоат ва ғ.) ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки баъзе принсипҳо ба ҳама намудҳои интихобот паҳн намешаванд. Масалан, принсипҳои умумӣ ва бевосита будани интихобот нисбат ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ паҳн намегарданд.**

Баррасӣ ва таҳлили принсипи овоздиҳии пинҳонӣ нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст амалӣ гардидан ва қатъиян риоя шудани он интихоботи демократӣ, ки талаботи ҷомеаи муосир ба давлати ҳуқуқбунёд аст, таъмин гардида, шароити мусоид барои амалӣ шудани яке аз ҳуқуқҳои асосии сиёсии шаҳрвандон – ҳуқуқ ба интихоботи озод муҳайё мегардад. Шояд сабаб дар ҳамин бошад, ки дар якчанд моддаҳои Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба таъмин гардидани принсипи мазкур меъёрҳо ҷой доранд ва дар маҷмӯъ, дар тамоми матни он мавҷудияти принсипҳо ё ба назар гирифтани онҳо, махсусан принсипи овоздиҳии пинҳонӣ эҳсос мегардад. Мувофиқи қонунгузорӣ тайёрӣ ба интихобот ва гузаронидани он ба таври шаффоф ва ошкоро сурат мегирад, аммо ин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ мазмун ва моҳияти овоздиҳии пинҳониро маҳдуд намесозад ва аҳаммияти онро кам намекунад. Баръакс, овоздиҳии пинҳонӣ кафили интихоботи шаффофу демократӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ як гурӯҳи мустақили ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандро ташкил менамояд. Шаҳрвандон ҳуқуқи интихоботии худро бо тартиби пешбининамудаи қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо амалӣ менамоянд. Агар бо қарор, амал (беамали)-и субъекти ҳокимияти омма, аз ҷумла комиссияи интихобот ҳуқуқи интихоботии шаҳрванд халалдор шавад, вай метавонад бо арзу шикоят ба комиссияи болоии интихобот ё ба суд муроҷиат намояд.**



Абдухолиқ ҶАЛОЛОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ

# АРЗУ ШИКОЯТИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ИНТИХОБОТИИ ОНҲО

Ҳамин тариқ, оид ба баррасии арзу шикоятҳо дар бораи ҳуқуқи интихоботӣ тобеияти идоравии алтернативӣ муайян шудааст. Яъне шаҳрванд ба мақсади ҳимояи ҳуқуқи интихоботӣ метавонад интихобан ба комиссияи болоии интихобот ё ба суд муроҷиат намояд. Ҳамзамон, ба комиссияи болоии интихобот муроҷиат намудан шарти муроҷиат кардан ба суд маҳсуб намеёбад.

**Шахсони зерин ба ҳайси субъектони муроҷиат бо арзу шикоят оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои интихоботӣ метавонанд баромад кунанд:**

- интихобкунандагон;
- ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳоро пешбарӣ кардаанд;
- худи номзадҳо (номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ; номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ; номзадҳо ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия; номзадҳо ба вакили Ҷамоат);
- шахсони боэътимоди номзадҳо;
- мушоҳидон.

Комиссияҳои интихоботӣ низ метавонанд ба сифати субъекти муроҷиат ба суд баромад намоянд. Тибқи қ. 2 м. 259 Кодекси мурофиавии граждании ҶТ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ, комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот метавонанд ба суд дар хусуси вайрон кардани қонунгузории интихобот аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, мақомоти ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳоро пешбарӣ кардаанд, худи номзадҳо бо ариза муроҷиат кунанд.

Барои муроҷиат намудан бо арзу шикоят ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ қонун мӯҳлатҳои муайянро муқаррар менамояд. Масалан, дар асоси м. 20 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», м. 18 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», қ. 2 м. 260 КМГ ҶТ субъектҳое, ки ҳуқуқи муроҷиатро ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои интихоботӣ доранд, метавонанд бо арзу шикоят нисбат ба амали (беамалии) комиссияҳои интихоботӣ ва қарорҳои онҳо дар давоми даҳ рӯзи пас аз қабул гардидани қарорҳо ба комиссияи интихоботии болоӣ ё ба суд муроҷиат кунанд. Нисбат ба қарорҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми даҳ рӯзи баъд аз қабул шудани қарор шикоят кардан мумкин аст. Дар бораи рад карда шудани бақайдгирии номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзад ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзади мустақил дар мӯҳлати се рӯз ба комиссияи интихоботии болоӣ шикоят карда метавонанд (моддаи 27 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»).

Ба мақсади муроҷиат ба комиссияи болоии интихобот ё суд шахс бояд аризаи хаттӣ тахия намояд.



**Дар аризаи хаттие, ки ба комиссияи болоии интихобот пешниҳод мегардад бояд маълумоти зерин дарҷ гардад:**

**1) маълумоти зарурӣ дар бораи аризадиҳанда;**

**2) сабти вайронкуниҳои эҳтимолӣ;**

**3) далелҳои замимашуда, ки бо ҳолатҳои кор алоқаманд мебошанд;**

**4) асосҳои қонунии талабҳо ва шикоятҳои аризадиҳанда;**

**5) талабҳои аризадиҳанда;**

**6) дигар маводҳо ба ариза ё шикоят алоқаманд.**

Ҳангоми аз ҷониби аризадиҳанда риоя нашудани як қатор шартҳои ҳуқуқ ба пешниҳоди ариза, ки дар моддаҳои 134 ва 135 КМГ ҶТ зикр шудаанд, суд падидаи бе ҳаракат монондани ариза ё баргардонидани онро татбиқ менамояд.

Арзу шикоят бояд аз ҷониби комиссияи интихобот ё суд дар мӯддати кӯтохтарин баррасӣ ва ҳал карда шавад. Масалан, комиссияи интихобот аризаро дар бораи саҳву хатои рӯйхат баррасӣ мекунад ва он вазифадор аст, ки аризаро дар давоми ду рӯз ва дар арафа ва рӯзи овоздиҳӣ бошад, фавран дида баромада, ба рӯйхат ислоҳоти зарурӣ дохил кунад ё ба аризадиҳанда нусхаи қарори асоснокро аз хусуси рад карда шудани аризааш супорад.

**Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии ариза ё шикоят комиссияи интихоботӣ яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:**

а) дар бораи пурра ё қисман қонеъ гардонидани ариза ё шикоят;

б) дар бораи рад кардани ариза ё шикоят бинобар беасос будан, ҷой надоштани далелҳои эътимоднок ё вайрон кардани мӯҳлатҳои пешниҳоди арзу шикоят.

**Тартиби мӯҳиятан баррасӣ ва ҳал намудани ариза оид ба ҳимояи ҳуқуқи интихоботӣ дар суд:**

Ариза оид ба ҳимояи ҳуқуқи интихоботӣ, ки ба суд пешниҳод шудааст аз ҷониби суд дар доираи давраи муҳокимаи судии парванда мӯҳиятан баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Барои баррасӣ ва ҳал намудани ариза оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои интихоботӣ дар тафовут аз парвандаҳои дигар қонун мӯҳлати нисбатан кӯтоҳро пешбинӣ менамояд. Мутобиқи қ. 4 м. 260 КМГ ҶТ ариза баъди расиданаш дар мӯҳлати се рӯз ва агар то рӯзи интихобот камтар аз шаш рӯз монда бошад, бояд фавран баррасӣ карда шавад.

Маҷлиси судӣ оид ба баррасӣ ва ҳалли ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботӣ бо иштироки субъектҳои зерин гузаронида мешавад: аризадиҳанда, намояндаи мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, комиссияи интихоботӣ, шахси мансабдор, хизматчии давлатӣ ва прокурор. Аммо ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани ин ё он шахси дар боло зикргардида, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ гардидааст, барои баррасии ариза монеа шуда наметавонад (м. 262 КМГ ҶТ). Ба таври дахлдор хабардор намудан чунин маъно дорад, ки дар суд маълумоти дақиқ мавҷуд аст, ки шахсони зикршуда дар бораи вақт ва ҷойи маҷлиси судӣ иттилоъ доранд. Намояндаи шахси манфиатдор бошад, дар бораи вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ тавассути ваколатдиҳанда хабардор карда мешавад. Ҳамзамон, суд метавонад ба маҷлиси судӣ ҳозир шудани намояндаи субъекти ҳокимияти оммаро ҳатмӣ эътироф кунад (қ. 4 м. 250 КМГ ҶТ).

Суд дар хатми маҷлиси судӣ оид ба натиҷаи баррасии ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботӣ ҳалномаи судӣ қабул менамояд. Суд, агар асоснокии аризаро муайян кунад, қарор ё амали (беамалии) мавриди баҳс қарордоштаро ғайриқонунӣ эътироф мекунад ва мақомоти дахлдор ва шахси мансабдорро ӯҳдадор менамояд, ки талаботи аризадиҳанда қонеъ гардонида шавад ё бо роҳи дигар ҳуқуқҳои интихоботӣ дар ҳаҷми пурра барқарор карда шаванд.

Ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суд ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, раиси комиссияи интихоботӣ, шахси мансабдор ба хидматчии давлатӣ ирсол гардида, бояд дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи суд иҷро карда шавад. Суд, агар муайян кунад, ки қарор, амалӣ (беамалии) мавриди баҳс қарордошта қонунӣ мебошад, қонеъ кардани аризаро рад менамояд.

# ИНТИХОБОТ – УМЕД БА ОЯНДАИ НЕК

**Омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, адабиётҳои илмию таълимӣ ва афкори арзишманди мутафаккирон ба он далолат мекунанд, ки интихобот яке аз қадимтарин ниҳодҳои ҷомеаи башарӣ ва унсури ҷудонопазири ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад.**



**Изатулло Маҳмудов**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, коршиноси КМИР ҶТ**

Оид ба мазмуну моҳият ва аҳаммияти интихобот ҳамчун падидаи муҳимми сиёсӣ аз ҷониби олимону донишмандони маъруфу шуҳратёри тоҷик андешаву назари арзанда ва ҷолиб баён шудаанд. Дар умум, интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ, воситаи амалишавии соҳибихтиёрии халқ, василаи қонунӣ гардонидани ҳокимият, роҳи осоишта ва мусолиҳатомези ба даст овардани ҳокимият, ташаккули шохаи ҳокимияти қонунгузор ва намояндагӣ, интихоби вакилони мардумӣ, пайравӣ ва нишон аз арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ доштани давлат маънидод карда мешавад.




Мувофиқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 6-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ба ҳисоб меравад. Мавриди зикри хос аст, ки бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 кафолатҳои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар тақвияти бештар ёфтанд. Як бахши мустақили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро дар Конститутсия ин ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ (моддаҳои 27,28,29,30,31) ташкил менамоянд, ки дар маҷмӯъ амалишавии онҳо барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ мусоидат менамоянд.

**Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки интихоботи дар пешистода омили муҳим ва навбатии таҳкими бештари ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, густариши демократия, таъмини зиндагии арзандаи сокинони кишвар, кафили якпорчагии кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, таҳкими фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, роҳи асосии муттаҳидкунандаи миллат ба нафъи пешрафту шукуфоии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.**

Мувофиқи қисми якуми моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Тибқи талаботи қисми дуюми моддаи мазкур шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок карданро надоранд.

Бо роҳи гузаронидани интихобот аслан мардум намояндагони худро барои иҷрои вазифа ва мансабҳои муайяни давлатӣ интихоб менамоянд. Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ халқ дар замони муосир ба воситаи интихобот ва раъйпурсӣ мақсаду маромии худро амалӣ карда ба ин восита дар идоракунии давлат саҳм мегузорад.

Зимнан бояд, эътироф намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот пурра ба арзишҳои демократии байналмилалӣ, стандартҳои эътирофшудаи ҷаҳонӣ ва талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пурра мувофиқат мекунад.

Яке аз нишонаҳои асосии демократӣ будани давлат дар он ифода меёбад, ки ҳокимияти давлатӣ дар худуди он бо кадом тарз амалӣ карда мешавад. Агар ташкили мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ (масалан президент, парламент, ҳукумат, низоми судӣ) дар ҳолати истифода аз сохторҳои демократӣ, яъне бо истифода аз усулҳои интихобот, раъйпурсӣ, соҳибихтиёрии халқ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ғайра асос ёфта бошанд, пас хулоса кардан мумкин аст, ки дар худуди ин давлат режими сиёсии демократӣ амал мекунад. Ва баръакс, зимни сарфи назар намудани падидаҳои демократӣ, аз ҷумла тавассути маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, ташкили мақомоти олии давлат бидуни интихобот, маҳдуд намудани ҳуқуқи интихобот, муттаҳид намудани ҳокимият дар дасти танҳо як шохаи ҳокимият, манъи ҳизбҳои сиёсӣ ва ғ. дар худуди давлатҳои алоҳида, кас ба андешае меояд, ки режими давлат ғайридемократӣ аст.

Интихобот имкон фароҳам меоварад, ки шаҳрвандон бо назардошти манфиатҳои худ ҳизбу иттиҳодияҳои гуногунро таъсис дода, ба ин василa дар кори идоракунии давлатӣ ва пешбурди ҳаёти сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда ду роҳи соҳиби вазифаҳои масъули давлатӣ гаштани шаҳрвандон ҷой дорад: яке бо усули таъин шудан ба вазифа, дигаре бо роҳи интихоб шудан. Аз ин рӯ, маҳз тавассути интихобот шаҳрвандон имкон пайдо менамоянд, ки беҳтарин намояндагони хешро барои иҷрои ормону иродаи худ ба вазифаҳои масъул интихоб намоянд. Натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки айни замон бо роҳи гузаронидани интихобот дар Тоҷикистон шаҳрвандон ба вазифаҳои Президенти ҶТ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, вакилони маҷлисҳои маҳалии вакилони халқ ва вакилони ҷамоатҳо бевосита интихоб карда мешаванд. Аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ бошанд, бавосита интихоб мешаванд.

Нақши интихобот, ҳамчун чорабинии муҳимми сиёсӣ дар инкишофу пешравии ҷомеа назаррас аст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми интихобот он аст, ки ба воситаи он дар давлат мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори ҶТ ва инчунин мақомоти маҳалли намояндагӣ ташаккул меёбанд.

Маҳз фаъолияти самаранок ва бомароми Маҷлиси Олӣ заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилии фаъолияти муназзами тамоми рукнҳои муҳимми давлатдориро дар Тоҷикистон фароҳам оварда, қонун ва карорҳои қабулкардаи онҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, зиндагонии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар ва боло бурдани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Доир кардани чунин маъракаи муҳимми сиёсӣ ба мисли интихобот зарурати таъсиси ниҳоди махсуси давлатиро тақозо менамояд. Дар ин замина мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда барои таъмини роҳбарӣ ҷиҳати омода ва гузаронидани интихобот ва раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ таъсис дода мешавад. Масъулияти ташкил ва баргузории интихоботи парламентии соли 2020 дар фазои озод, ба таври шаффоф ва бо риояи қоидаҳои демократӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба зиммаи Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Тоҷикистон вогузор шудааст. То ба имрӯз аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир намудани маъракаи муҳимми сиёсӣ - интихоботи вакилони халқ чорабиниҳои зиёди ҳуқуқиву ташкилӣ ва иттилоотиву ташвиқотӣ анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади амалӣ намудани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани интихоботро тасдиқ намуда, гузашта аз он ба мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аъзоёни комиссияҳои участкавӣ ва ҳавзавӣ, бархурдор намудани онҳо аз мазмуну моҳияти қонунгузории интихобот дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Ҳамзамон ҷиҳати расонидани кумаки методӣ ва амалӣ ба комиссияҳои поёнии интихоботӣ дар самти амалисозии қонунгузории интихоботӣ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар доираи салоҳияти худ дастурамал, тартиб ва қоидаҳоро таҳия ва тасдиқ намуда, онҳоро ба тамоми комиссияҳои интихоботӣ дастрас намуданд. Дар маҷмӯъ бояд изҳор дошт, ки бо мусоидати Комиссияи мазкур дар худуди Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд ва ба таври муташаккилона доир кардани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ тамоми шароитҳои арзанда фароҳам оварда шудаанд.

Дар умум, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки интихоботи дарпешистода омили муҳим ва навбатии таҳкими бештари ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, густариши демократия, таъмини зиндагии арзандаи сокинони кишвар, кафили якпорчагии кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, таҳкими фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, роҳи асосии муттаҳидкунандаи миллат ба нафъи пешрафту шукуфоии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо менамояд».

Натиҷаи баргузории интихоботҳо дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди озод ва ихтиёрӣ будани иштироки шаҳрвандон дар интихобот, фоизи иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ тамоюли болоравиро дорад. Чунин амали шаҳрвандон албатта падидаи нек аст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсии кишвар ва низоми идоракунии давлатдорӣ аз боби масъулиятшиносӣ ва иҷрои қарзи шаҳрвандӣ дар назди давлату миллат кор гирифта, муҳим будани овози худро барои таъмини пешрафт ва дурнамои дурахшони Ватани маҳбубамон беш аз пеш дарк намудаанд. Пас ҷойи ифтихор аст, ки фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагон сол аз сол боло рафта истодааст. Яқин аст, ки онҳо интихоботро натанҳо ҳамчун як василаи амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии худ, балки воситаи асосии саҳм гузоштан дар ҷодаи идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеа пазируфтаанд. Онҳо эҳсос кардаанд, ки дарёфти роҳи дурусти пешрафт ва тараққиёт дар Тоҷикистон маҳз аз интихоби дурусти онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, боисрор бояд таъкид сохт, ки интихоби дуруст омили ҳамагуна пешравиҳост.

**Бо истифода аз фурсати муносиб аз тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, ки соҳиби ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд, лутфан даъват ба амал меорем, ки рузи 1-уми марти солӣ ҷорӣ дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳалли вакилони халқ фаъолона иштирок намуда, барои ободиву пешрафт ва ояндаи неки Тоҷикистони азиз мавқеи худро муайян намоянд. Овози ҳар як интихобкунанда барои тақдири минбаъдаи рушди давлатдории миллӣ ҳалкунанда аст.**

# ТАШКИЛ ВА ТАРТИБИ ОВОЗДИҲӢ – ДАВРАИ МУҲИМ ВА ҲАЛКУНАНДАИ ИНТИХОБОТ



**Далер ҚОДИРЗОДА**
**дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ**




Ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиклол дар арафаи ҷорабинӣ ва рӯйдоди муҳимми сиёсие карор дорад, ки он аз ҳар фарди ҷумҳурӣ фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии томро бахри пешрафту ободии фардои мамлакат тақозо менамояд.

Дар ҷаҳони муосир интихобот шакли асосӣ ва зарурии зуҳури шаҳрвандон ба сифати манбаи ҳокимият ва истиқлолият мебошад. Барандаи асосии интихобот дар ҶТ мардуми шарифи он ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои соҳибихтиёрӣ низоми нави интихоботии худро эҷод кард, ки мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои байналмилалӣ оиди интихоботро эътироф намуда, конунгузории худро оид ба интихобот дар заминаи онҳо такмил додааст. Аз ин рӯ, бояд хотирнишон сохт, ки конунгузории ҶТ дар бораи интихобот ба арзишҳои демократии байналмилалӣ ва стандартҳои эътирофшудаи ҷаҳонӣ пурра мувофиқ аст.

Мувофиқи Конститутсияи ҶТ барои таъмини роҳбарӣ ҷиҳати омода ва гузарондани интихобот ва раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ таъсис дода шудааст, ки вазъи хукукии он тавассути конуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19.07. 2019 ба танзим даровarda мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ташкил ва тартиби овоздиҳӣ яке аз давраҳои муҳим ва ҳалкунандаи интихобот буда, дар боби VI-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукаррар карда шудааст. Ҳамзамон дар боби VII-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» тартиби овоздиҳӣ ва ҷамбасти натиҷаҳои интихобот муқаррар шудааст.

Мутобиқи м. 40 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинохо барои овоздиҳӣ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ихтиёри комиссияҳои участкавии интихобот ройгон дода мешавад.

Дар бинохои овоздиҳӣ ҳуҷраҳо ва дигар ҷойи махсус таҷҳизонидашуда, барои овоздиҳии пинҳонӣ омода карда мешаванд. Куттиҳои интихоботӣ бояд дар ҷои намоён ва дастрас барои аъзои комиссия ва мушоҳидон тавре гузошта шаванд, ки овоздиҳандагон ба назди онҳо хатман аз ҳуҷраҳо ё хонаҳои овоздиҳии пинҳонӣ гузашта раванд.

Дар ин бобат, Дастурамали КМИР вобаста ба комиссияи участкавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2019 ташкил ва тартиби овоздиҳиро пешбинӣ менамояд.

Мувофиқи қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукаррар шудааст, ки дар рӯзи интихобот дар дохили хонаи овоздиҳӣ ҳузури шахсони мусаллаҳ ва либоси низомидошта, аз ҷумла кормандони ҳифзи ҳуқуқ, ба истиснои ҳолатҳои барои бартараф намудани хуқуқвайронкунӣ, манъ аст.

Масалаи дигарро дар ин ҷо метавон қайд намуд, ки комиссияи участкавии интихобот бояд дафтари бақайдгирии ташрифи аъзои комиссияҳои болоии интихобот, номзадҳо ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, шахсони боэътимоди онҳо, мушоҳидони милливу байналмилалӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва намояндагони ҳизбҳои сиёсиро ташкил намояд, ки дар он вақти омадан ва рафтани онҳо сабт карда мешавад. Мақсад аз иштирок намудани мушоҳидони байналмилалӣ барои шаффоф ва ошкоро гузаронидани интихобот, риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошад.

Мувофиқи м. 42 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот аз соати 6:00 то 20:00 гузаронида мешавад. Дар ҳар як участкаи интихоботӣ раванди овоздиҳиро бо садо додани Суруди миллӣ соати 6:00 оғоз ва 20:00 анҷом дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки конунгузорӣ як ҳолати истисноиро вобаста ба пеш аз мухлат (пеш аз соати 20:00) анҷомёфта, эълон намудани овоздиҳиро аз ҷониби комиссияи участкавии интихобот мукаррар менамояд. Ин ҳам бошад, дар участкаҳои интихоботие, ки дар назди намояндагиҳои ҶТ дар давлатҳои хориҷӣ, дар санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, беморхонаҳо ва табобатгоҳҳои дигари доимӣ, дар маҳалҳои дурдасту душворгузар ташкил шудаанд, комиссияи участкавии интихобот метавонанд овоздиҳиро ҳар вакт анҷомёфта эълон кунад, ба шарте ки ҳамаи интихобкунандагони ба рӯйхат воридшуда овоз дода бошанд. Комиссияи участкавии интихобот вакту ҷои овоздиҳиро ба интихобкунандагон камаш даҳ рӯз пеш аз интихобот хабар медиҳад.

Ҳар як интихобкунанда шахсан овоз медиҳад. Ба ҷои дигарон овоз додан мумкин нест. Соҳибихтиёрии фард ҳангоми интихобот рушан мегардад. Ҳангоми интихобнамоӣ набояд касе ё чизе ба шаҳрвандон таъсир бахшад ё онҳоро маҷбур созаду фишор оварад. Ӯ барои худ интихоб менамояд ва метавон гуфт, ки худро интихоб менамояд. Ҳар интихобкунанда дар бораи ҳар номзад махз худаш, бе иштироки миёнарав ё намоянда қарор кабул менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар рӯзи интихобот, пеш аз оғози овоздиҳӣ раиси комиссияи участкавии интихобот дар ҳузури аъзои комиссия, инчунин мушоҳидон ва шахсони дигар, намояндагони воситаҳои ахбори омма куттиҳои интихоботиро аз назар гузаронида, мухр мекунанд.

Бюллетенҳои интихоботро комиссияи участкавии интихобот дар асоси рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихобот бо пешниҳоди шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиккунандаи шахсияти интихобкунанда медиҳад. Ҳар интихобкунанда бюллетени интихоботро гирифта дар рӯйхати интихобкунандагон дар муқобили насаб, ном ва номи падари худ имзо мегузорад.

**Интихобкунанда дар бюллетени интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ё ҳизби сиёсие, ки ба тарафдориаш овоз медиҳад, аломати ҷамъ «+» мегузорад.**

Овоздиҳанда бюллетени интихоботро дар ҳуҷра ё хонаи овоздиҳии пинҳонӣ пур мекунад. Ҳангоми пур кардани бюллетен ғайр аз овоздиҳанда ҳозир будани шахсони дигар манъ аст. Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, хуқуқ дорад ба ҳуҷра ё хонаи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро ғайр аз аъзои комиссияи интихобот, мушоҳидон, намояндагони воситаҳои ахбори омма, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ даъват кунад.

Интихобкунанда бояд фақат ба тарафдории як номзад ва ба як ҳизби сиёсӣ овоз диҳад. Яъне дар ин ҷо бояд ба принсипи «як интихобкунанда -як овоз» такя намуд. Интихобкунанда дар бюллетени интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ё ҳизби сиёсие, ки ба тарафдориаш овоз медиҳад, аломати ҷамъ «+» мегузорад. Дар мавриди зидди ҳамаи номзадҳо ва рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ овоз додан, интихобкунанда дар бюллетени интихобот дар квадрати холии сатрҳои «муқобили ҳамаи номзадҳо» ва «муқобили ҳамаи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ» аломати ҷамъ «+» мегузорад.

Агар баъзе интихобкунандагон ба сабаби беморӣ ё сабабҳои дигар ба бинои овоздиҳӣ омада натавонанд, комиссияи участкавии интихобот мувофиқи хоҳиши онҳо ба аъзои ҷудогонааш супориш медиҳад, ки дар маҳалли зисти интихобкунандагони мазкур дар ҳузури мушоҳидон ва шахсони боэътимод овоздиҳӣ ташкил намоянд ва дар ин хусус дар рӯйхати интихобкунандагон қайд карда мешавад. Интихобкунандагоне, ки бо ягон сабаб ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда нашудаанд, дар асоси ҳуҷҷате, ки шахсияти онҳоро тасдиқ менамояд, ба замимаи рӯйхати интихобкунандагон дохил карда мешаванд.

Дар охир, меҳоҳам андешаамро бо суханони пурмуҳтавои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба итмом расонам: «Мо чун ҳамеша ҷонибдори ба таври шаффоф ва ошкоро баргузор шудани маъракаи интихобот ҳастем ва ман ҳамчун ҳомии Конститутсия, қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони мамлакат бо масъулияти баланд ба этимоди комил кафолат медиҳам, ки интихобот дарпешистода ба таври демократӣ ва озоду одилона баргузор хоҳад шуд».

# ИНТИХОБОТ – КАФИЛИ АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚҲОИ СИЁСӢ



Раҳматшо МУҲАБАТОВ
донишҷӯи соли 3

**Пешрафт ва тараққиёти ҷомеа, эътироф гардидани усулҳои демократӣ аз ҳар як давлати муосир талаб мекунад, ки роҳҳои нав ба нави ҷалби шаҳрвандонро ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ба роҳ монад. Зеро ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ, ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад, ки ба арсаи сиёсат чеҳраҳои нав ва сиёсатмадорони пуртаҷриба ҷалб гардида, гуногунақидагии кулл таъмин карда шавад.**

Дар шароити имрӯза роҳҳои гуногуни ҷалби шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ҷой дорад. Аз қабили раъйпурсӣ, интихобот, плебисит, муҳокимаи умумихалқӣ, роҳпаймоиҳои осоишта ва ғ. Ҳар яке аз ин чорабиниҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии давлатӣ мавқеи ба худ хосро дошта, ба ҳаёти сиёсии давлат, ба таври мухталиф таъсир мерасонанд. Интихобот бештар хислати фаъолро дошта, мафкураи сиёсии шаҳрвандонро инкишоф медиҳад ва дар назди онҳо вазифаҳои гуногуни пурмасъулро оиди ташкили мақомоти намояндагӣ мегузорад.

Интихоботи ошкорову озодона ва дар мӯҳлатҳои муайянкардаи қонун доир гардидани он, нишонаи асосии соҳибихтиёрии халқ ва ҳуқуқбунёдии давлат мебошад. Доир ба ташкил ва амалӣ гардидани ин падида, якчанд меъёрҳои даххлдоре вуҷуд доранд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд. Аз ин рӯ, муносибатҳои интихоботӣ бо чандин падидаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ зич алоқамандан. Пеш аз ҳама муносибатҳои интихоботӣ қисми таркибии демократия, нишондиҳандаи равшании он мебошад. Бинобар ин ҳуқуқи интихобот, яке аз ҳуқуқҳои муҳими сиёсии шаҳрвандон буда, дар низоми ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд, мавқеи сазовореро доро мебошад.

Дар низоми давлатдории демократии муосир, интихобот шакли изҳори иродаи халқ, амалӣ намудани соҳибихтиёрии халқро, ҳамчун яке аз усулҳои асосии конститутсионии амали гардидани ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандонро ифода менамояд. Аз ин рӯ, низоми интихобот падидаи муҳими демократия буда, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар алоқамандӣ бо ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба вуҷуд меоянд. Лекин ин ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди ташкил ва гузаронидани интихобот ба вуҷуд меоянд ба таври пурра аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқи интихобот ба пуррагӣ ба танзим даровардa намешаванд. Балки аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқи интихобот, танҳо муносибатҳои муҳимтарини интихоботӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар зери мафҳуми интихобот дар ҳуқуқи конститутсионӣ тартиби ташкилёбии мақомоти давлатӣ ва ё соҳиби ваколат гардидани шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки бо воситаи овоздиҳии шахсони ваколатдор, бо шарти фароҳам оварда шудани имконияти баробар дар хусуси мубориза бурдан ба як мандат аз тарафи ду ва зиёда номзад бо тартиби муқарраршуда фаҳмида мешавад.




# ТАРТИБИ ТАЪИНИ ИНТИХОБОТ



Бузургмеҳр БЕГНАЗАРОВ
донишҷӯи соли 2

Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз тарафи Президент камаш 75 рӯз пеш аз ба охир расидани ваколатҳои Маҷлиси Олии даъвати қаблӣ таъин карда мешавад. Интихоби Маҷлиси миллӣ 25 рӯз баъд аз интихоботи Маҷлиси намояндагон сурат мегирад. Дар сурати пеш аз мӯҳлат пароканда шудани Маҷлиси Олӣ дар мавридҳои дар Конститутсия пешбинишуда, Президент на дертар аз 80 рӯзи баъди парокандашавӣ интихоботи Маҷлиси Олиро таъин мекунад.

Интихоботи вакилон ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо одатан дар як вақт аз тарафи Президент камаш 75 рӯз пеш аз мӯҳлати анҷомёбии ваколати вакилон таъин мегардад.

Дар бораи рӯзи интихобот камаш 3 рӯз баъди таъин кардани он, тавассути матбуот ва расонаҳои ахбори омма хабар дода мешавад. Таъини интихобот моҳиятан давраи якуми маъракаи интихобот буда, саривақт таъин кардани ӯ ба вайронкунии қонун роҳ намедиҳад. Давраи дуюми маъракаи интихобот, ки ба зудӣ баъди таъини интихобот ба иҷро расонида мешавад, ташкили ҳавза ва маҳалҳои интихобот мебошад. Дар интихоботи Президент, ки соли 2013 барпо гардид, марзи ҷумҳурӣ ба 68 ҳавзаҳои интихобот тақсим карда шуд. Рӯйхати ҳавзаҳои интихобот мувофиқи қонун бо зикри сарҳадҳои онҳо ва шумораи интихобкунандагон на дертар аз 50 рӯз пеш аз интихобот чоп карда мешавад.

Барои интихоби аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ҳавзаҳои ҳудудии интихобот ташкил мешаванд. Дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ марзи ҷумҳурӣ ба 5 ҳавзаи интихоботи бисёрмандатӣ, аз ҷумла дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ тақсим мешаванд.

Барои интихоби вакилони Маҷлиси намояндагон 41 ҳавзаи марзии якмандатӣ ва барои интихоби вакилон, ки рӯйхаташон аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шудааст, як ҳавзаи интихоботи умумиҷумҳуриявӣ ташкил мешавад. Меъёри интихобкунандагони ҳавзаи интихоботиро барои интихоботи



вакилони Маҷлиси намояндагон, дар ҳар маъракаи интихобот Президент муқаррар менамояд. Ҳавзаҳои интихоботро Комиссияи марказӣ бо пешниҳоди Президент ташкил медиҳад. Тафовути шумораи интихобкунандагони ҳавзаи интихобот метавонад аз 15-20 фоизро ташкил диҳад. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ рӯйхати ҳавзаҳои интихоботро бо зикри ҳудуд ва шумораи интихобкунандагон, баъд аз 5 рӯзи таъин шудани интихобот чоп мекунад.

Дар асоси қонуни конститутсионӣ дар бораи интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, барои интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе на бештар аз 70 ҳавзаи интихобот ва ба Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳр, ноҳия на бештар аз 40 ҳавзаи интихобот ташкил мегардад. Миқдори ҳавзаҳои интихоботро барои интихоботи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Маҷлиси даххлдор бо назардошти шумораи интихобкунандагон, ҳудуд ва дигар шароитҳои маҳал муқаррар менамояд. Ҳавзаҳои интихоботро комиссияҳои даххлдори ҳудудӣ ташкил медиҳад. Рӯйхати ҳавзаҳои интихоботро, ки дар он ҳудуд ва шумораи интихобкунандагон зикр шудааст, комиссияи даххлдори интихобот на дертар аз 15 рӯзи баъди таъин гардидани интихобот чоп мекунад.

Дар ҳадди муқарраркардаи қонун, миқдори ҳавзаҳои интихоботӣ ва интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллӣ вобаста ба шумораи интихобкунандагон, марз ва шароити дигари маҳаллӣ аз тарафи Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи даххлдор муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ баъди эълон гаштани санаи баргузории интихобот бо қарори КМИР нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ тасдиқ карда мешавад ва дар он номгӯи чорабиниҳо, мӯҳлати гузаронидани онҳо ва иҷрокунандагон муайян карда мешаванд ва минбаъд комиссияҳои интихобот аз рӯи нақшаи тақвимии мазкур фаъолияти худро ба роҳ мемонанд.

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ИНТИХОБОТ

**Мафҳуми ҳуқуқи интихобот дар ҳуқуқи конститутсионӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои субъективӣ ва ба маънои объективӣ. Ба маънои субъективӣ ҳуқуқи интихоботӣ гуфта, имконияти шаҳрвандонро мефаҳманд, ки дар асоси он шаҳрвандон дар маъракаи интихоботӣ ширкат варзида, ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шуданро ба даст меоранд. Ба маънои объективӣ ҳуқуқи интихобот гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди ташкил ва гузаронидани маъракаи интихоботӣ ба вуҷуд ояндаро ба танзим медароранд.**



Хабибулло ҒУЛОМОВ
донишҷӯи соли 3

Аз рӯи ақидаи баъзе олимон мафҳуми интихобот ба се маъно фаҳмида мешавад:

1. Ҳамчун ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан;

2. Ҳамчун шакли ягонаи ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва интихоби сардори давлат;

3. Ҳамчун нишондиҳандаи падидаи демократӣ ва нишондиҳандаи тартиби идораи демократии давлат, чун маҳак ё мизони ошкор кардани татбиқи низоми тартиби демократӣ.

Дар ин асос таъиноти зерини меъёрҳои ҳуқуқи интихобот муқаррар карда шудааст:

1. Муайян кардани доираи шахсоне, ки ҳуқуқи интихоб кардан (ҳуқуқи интихоботии фаъол) ва ҳуқуқи интихоб шудан (ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол)-ро доранд;

2. Муқаррар кардани усулҳои интихобот;

3.Тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихобот;

4.Муайян кардани муносибати интихобкунандагон бо вакилон.



Вобаста ба ин вазифаи ҳуқуқи интихобот ба маънои объективӣ на фақат ба танзим даровардан ва мустаҳкам намудани муносибатҳои интихоботӣ, балки ҳаматарафа инкишоф додани ин муносибатҳо, боз ҳам демократӣ намудани онҳо мебошад.

Ҳуқуқи интихобот, дар маҷмӯъ дар худ ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъолро мустаҳкам намудааст. Дар асоси ҳуқуқи интихоботии фаъол шаҳрвандон, ҳамчун интихобкунандагон дар интихоботи мақомоти намояндагӣ ва сардори давлат фаъолона ширкат варзида, номзадҳои арзандаро ба ин мансабҳо интихоб менамоянд. Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол гуфта, ҳуқуқи субъективии аз тарафи қонун муқаррар кардашудаи шаҳрвандонро меноманд, ки мутобиқи он шаҳрвандон дар интихоботи мақомоти намояндагии давлатӣ ва сардори давлат ба сифати номзад баромад намуда, дар сурати ба даст овардани шумораи зарурии овозҳо ба мансабҳои интихобии ҳокимияти давлатӣ интихоб мешаванд. Аз ин ҷо муқаррар карда шудани ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол, нисбати шаҳрвандон одатан бо як қатор шартҳои аз тарафи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус пешбиникардашуда хусусиятнок карда шудаанд.

# НИЗОМИ ИНТИХОБОТӢ



Неъматулло АМОНЗОДА
донишҷӯи соли 2

**Интихобот дар замони муосир яке аз падидаҳои асосие мебошад, ки ба воситаи он иштироки шаҳрвандон дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Ҳамчунин дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон аз интихобот вобастагии зиёд дорад. Бояд гуфт, ки интихобот, яке аз институтҳои асосии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта, ба воситаи он ҳокимият ба таври осоишта ва бо иродаи халқ аз дасти як гурӯҳ ба дасти гурӯҳи дигар мегузарад. Самаранокии интихобот ва аз тарафи ҷомеа эътироф гардидани натиҷаҳои он, яке аз нишонаҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбад.**

Мувофиқи моддаи 48 Конститутсияи ҶТ Маҷлиси Олӣ мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Муҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон панҷ сол аст. Интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоби онҳо, тартиби интихоб нашудан ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагонро танзим мекунад. Овоздиҳӣ дар интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пинҳонӣ мебошад. Мудохила ба изҳори иродаи овоздиҳандагон манъ аст. Ошкорбаёнӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, тайёр намудан ва гузаронидани интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон аз тарафи комиссияҳои интихобот ба таври шаффоф ва ошкоро сурат мегирад.

Комиссияҳои интихобот аз кори худ, аз ташкили ҳавзаҳои интихобот, участкаҳои интихобот, ҳайат, ҷою вақти кори комиссияҳои интихобот ба аҳолӣ хабар медиҳанд ва онҳоро бо рӯйхати интихобкунандагон, феҳристи ҳизбҳои сиёсии дар интихобот иштироккунанда шинос мекунанд, дар бораи номзадҳо, натиҷаи овоздиҳӣ ва интихобот маълумот медиҳанд. Намояндагони матбуот, телевизион ва радио дар маҷлисҳои комиссияҳои интихобот иштирок карда, дар биноҳои овоздиҳӣ ҳузур дошта метавонанд, рафти тайёрӣ ва гузаронидани интихобот, инчунин қарорҳои комиссияҳои интихоботро инъикос менамоянд. Бо мақсади назорати интихобот, гузаронидани он дар шароити шаффоф ва ошкоро нозирони байналмилалӣ даъват карда мешаванд.



Барои ташкил ва гузаронидани интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон комиссияҳои зерини интихобот ташкил карда мешаванд: 1) Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ; 3) Комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон; 4) Комиссияҳои участкавӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон.

Комиссияҳои интихоботӣ дар фаъолияти худ ба ҳеҷ мақомоти давлатӣ вобаста набуда, қарор ва дигар санадҳои комиссияҳои интихоботӣ, ки дар доираи салоҳияташон қабул намудаанд, барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, номзадҳо, интихобкунандагон, ҳамчунин барои комиссияҳои поёнии интихобот ҳатмӣ мебошад.



Шамшод АБДУЛҲАҚОВ
донишҷӯи соли 3

# МУШОҲИДОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ






Мувофиқи меъёрҳои Конститутсия халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад ва онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд. Интихобот ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон буда, ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад.

Барои дар сатҳи баланд ташкил ва баргузар кардани интихобот мушоҳидони байналмилалӣ даъват карда мешавад. Қонунгузории ҶТ дар самти интихобот ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мушоҳидонро танзим намудааст. Ба монанди риояи принсипҳои бетарафии сиёсӣ, беғаразӣ, худдорӣ аз изҳори ҳама гуна афзалият ва ғайра. Вазифаи чунин мушоҳида тавсия ва баҳодиҳӣ оид ба ҷамъбасти интихобот, ки бояд бахри риояи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ёрӣ расонанд ва дар мамлакат пойдории сиёсиро фароҳам оваранд, ба ҳисоб меравад.

Аввалин бор дар таърих мушоҳидони хориҷӣ (байналмилалӣ) дар интихобот соли 1857 пайдо шуданд. Он гоҳ дипломатони Фаронса, Британияи Кабир, Руссия, Пруссия ва Туркия раъйпурсие, ки дар ҳудуди бахсноки Малдова ва Валахи мегузашт, тахти мушоҳида қарор доданд. Ин воқеа оғози пайдоиши институти мушоҳидаи байналмилалӣ ба шумор рафта, то нимаи асри XX фаъолияти онҳо хусусияти даврагиро доро буд.

Минбаъд, падидаи мушоҳидаи байналмилалӣ соли 1992 ба таври расмӣ мустаҳкам гардид, яъне дар сохтори СММ Департамент оид ба масъалаҳои сиёсӣ ташкил гардид. Имрӯз бошад, вазифаи асосии сохтори мазкур муҳокима ва таъмин кардани масъалаҳои зерин ба ҳисоб меравад:

- кумак кардан ба гузаронидани интихобот;
- муқаррар ва риоя кардани стандартҳои СММ вобаста ба гузаронидани интихобот;
- кумак кардан ба ташкилотҳои гуногун бахри банақшагирии чорабиниҳое, ки бо интихобот алоқаманданд;
- кумак кардан ба ташкилоти мушоҳидаи байналмилалӣ доир ба интихобот;

Яке аз ташкилоти дигари минтақавӣ Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки дар сохтори худ мақоми ваколатдор оид ба мушоҳидаи интихобот дар давлатҳои аъзоро доро мебошад. Фаъолиятро оид ба мушоҳида дар интихобот яке аз зерсохтори муҳимми Ассамблеяи парлумонии ИДМ – Институти байналмилалии мониторинги инкишофи демократия, мавкеи парлумон ва риояи кардани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони давлатҳои аъзои Ассамблеяи парлумонии ИДМ анҷом медиҳад.

Вазифаҳои асосии институти мазкур аз инҳо иборатанд:

- мубодилаи иттилоот оид ба риояи гардидани ҳуқуқҳои инсон;
- ҷамъбасти таҷриба бахри инкишофи демократия ва нақши парлумон;
- гузаронидани мониторинги интихоботӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ ва берун аз он;
- бозомӯзии мушоҳидони байналмилалӣ.

Аз соли 1994 то 2018 Ассамблеяи парлумонии ИДМ зиёда аз 110 маротиба гурӯҳҳои мушоҳидонро ба интихобот дар давлатҳои аъзои ИДМ сафарбар кардааст. Фаъолияти асосии ҳуқуқии мушоҳидони байналмилалиро қонунҳои давлатҳо, принсип ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии умумиэътирофшудаи ҷаҳонӣ дар соҳаи ташкили ҷараёни интихобот ва ӯҳдадориҳои байналмилалии давлат, ки дар он интихобот гузаронида мешавад, ташкил медиҳад.

Ҳамин тарик, баргузор гардидани интихобот ва иштирок дар он кафили амалигардии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ба шумор рафта, дар як маврид, иштироки фаъолонаи шаҳрвандонро дар ин чорабинии муҳимми сиёсӣ талаб менамояд.







# ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ

Дар баробари интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар мамлакат интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ мегузарад. Тартиби ташкил ва баргузор намудани падидаи мазкурро Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд. Бояд қайд кард, ки Конститутсияи ҶТ тартиби ташкил ва баргузор намудани интихоботи вакилони халқи маҳалро бевосита ба танзим надаровардааст, балки барои ташкил ва баргузор намудани он ишора ба қабули қонуни конститутсионӣ менамояд. Вобаста ба муносибатҳои мазкур дар кишвар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» қабул гардидааст, ки танзимгари тартиби ташкил ва баргузор намудани ин маъракаи муҳимми сиёсӣ дар маҳал мебошад.

Интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар қаламрави ҳар як вилоят, шаҳр ва ноҳия аз рӯи меъёри муқарраршуда баргузор мегардад.

Мувофиқи Қонуни конститутсионии мазкур интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои вакилони халқи вилоят, шаҳр ва ноҳия умумӣ буда, шаҳрвандони дар рӯзи интихобот синнашон ба 18 расида, сарфи назар аз бисёр ҳолатҳо ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан доранд. Интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллӣ дар ҳавзаҳо ва қитъаҳои интихобот баргузор мегарданд. Аз ҳар ҳавзаи интихобот як вакил ба Маҷлиси дахлдори вакилони халқ интихоб карда мешавад. Миқдори ҳавзаҳои интихоботро барои интихоботи Маҷлиси маҳаллии дахлдор ба ҳадди меъёри муқарраркардаи қонун Маҷлиси вакилони халқи дахлдор бо назардошти шумораи интихобкунандагон, ҳудуд ва шароити дигари маҳаллӣ муқаррар менамояд.

Ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилони Маҷлиси маҳаллӣ аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ сурат мегирад. Роҳбарии умумӣ, назорати ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ амалӣ карда мешавад. Дар ташкили маъракаи интихоботи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ мақомоти иҷроияи маҳаллӣ саҳми муайян дорад. Аз ҷумла, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ интихобкунандагонро ба ҳисоб мегиранд ва ба комиссияҳои қитъавии интихобот дар бораи интихобкунандагони қаламрави дахлдор маълумотро барои тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон медиҳанд.



Сарвиноз ЁҚУБОВА
донишҷӯи соли 2

# ОИЛАИ СОЛИМ – ҶОМЕАИ СОЛИМ

**Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик равшан аст, ки гузаштагони мо доимо оила ва оиладориро муқаддас дониста, барои ҳифзи ҳамаҷонибаи он заҳматҳои зиёд кашидаанд. Муқаддасии оила пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки барои бунёди як хонаводаи солим асос мегузорад ва дар камолоти насли нави авлод нақши муассир дорад. Доир ба оилаву оиладорӣ гузаштагон андешаҳои хеле арзишманд баён доштаанд. Гуфтор ва хулосаҳои эшон моро ба он андеша водор менамояд, ки буёнди як ҷомеаи солим ва умедбахш ҳамеша аз оилаи солим вобастагӣ дорад.**

Чун сухан аз оила меравад бояд зикр кард, ки асоси ҳастии миллат ва рушду нумӯи давлат аз оила оғоз мегардад ва неруи оилаи солим метавонад зиндагии инсонҳоро ба маҷрои зарурӣ то ба манзили мурод паймонҳо бурда расонад. Агар ба ҷомеаи имрӯз назар афканем, равшан мегардад, ки дар пешрафт ва нумӯи ҳар давлат оилаи солим заминагузор аст.

**ОИЛА МАКТАБИ БУЗУРГЕСТ, КИ АРЗИШҲОИ БАЛАНДИ ИНСОНИРО ОМӮХТА, ДАР КАМОЛОТИ МАЪНАВИИ ҶОМЕА НАҚШИ НАЗАРРАС ДОРАД.**

Ҳамчунин оила нишонаи ҷомеаи пешқадам ва пешрав махсуб меёбад, ки дар ин маврид андешаҳои ҷолиби сарвари давлат баён гардидаанд. Инсонгарой, муҳаббат ба ватану модар, бузургдошти арзишҳои милливу маънавӣ ва кулли хислатҳои ҳамидаи инсонӣ маҳз дар оилаи солим ташаккул меёбанд. Дар оила инсон имкон меёбад, ки нахуст асолат ва ҷавҳари одамиятро дарёбад, таҷрибаи зиндагӣ андӯзад ва маърифаташро равнаку такомул бахшад. Мусаллам аст, ки аз қадимулайём мардуми тоҷик дорои анъанаҳои ибратбахши оиладорӣ буда, дар ҳар давру замон ба хонавода ва аҳли оилаву авлод аҷр мегузоштанд. Аз ин рӯ, бо назардошти характер ва маърифату маданияти ин ё он оила онро бо насаби бузурги сардори оила ном мегиранд.

**АГАР ҲАР ЯК АЪЗОИ ОИЛА БА ЭҲТИРОМУ МУҲАББАТИ ЯКДИГАР БО САМИМИЯТ РАФТОР НАМОЯНД, АСОЛАТИ ОИЛАДОРӢ НАМУДОР МЕГАРДАД.**

Аз ин лиҳоз, оила аз беҳтарин, комилтарин ҷузъи ҷомеа буда, дар такомули одоб, ахлоқ ва маърифат замина мегузорад. Таъсири оила ба инсон ҷавҳару асолати инсониро ошкор месозад ва маҳз оила боис мегардад, ки фард дар ҷомеа камол ёбад ва соҳиби иззату икром гардад. Ҳар як амали ибратбахше, ки фарзандон анҷом медиҳанд, маълум аст, ки дар оилаашон мушоҳида кардаанд ва дар пайравии волидон ва ё бобокалону бузургони хонаводаи худ буданд. Ин аст, ки анъанаҳои начиби гузаштагони мо дар мавриди оиладорӣ таъсири хуб ба асолати инсонии насли нав мегузорад. Ҳамчунин шаҷара ба шаҷара расму русуми оиладорӣ идомат меёбад ва одобу ахлоқи шоиста дар як риштаи тавонои ногусастанӣ то авлодҳои минбаъдаву оянда рафта мерасад.

Яке аз равияҳои муҳими дигар асолат, ҷавҳар ва тарбияро доро буда, ин унсурҳо дар таҷрибаи зиндагии ҳаррӯза мавриди истифода қарор мегиранд. Ин чунин маъно дорад, ки асолат, ҷавҳар, тарбият ҳамешагӣ бояд ҳамқадами ҳар як фард ва ҷомеа бошад. Оила бо асолату ҷавҳар ва тарбия метавонад ба куллаҳои муроди зиндагӣ ва кашфи асрор бирасад. Ба равияи мавриди назар чанд чизро бояд зикр кард. Вақте ки ба ҷаҳони мутамаддини имрӯза нигоҳ мекунем технологияи нави муосир рӯз то рӯз тараққӣ карда истодааст ва ин рушд бояд ба ҷомеаи имрӯза нафъи бештареро зоҳир намояд. Ҳар кору пайкоре, ки дар ҷаҳони имрӯза ба субут мерасад, албатта бо саъю талоши ҷомеа амалӣ мегардад. Кори хуб ва амали нек аз ҷониби он шахс ва фард ба некӣ анҷом меёбад, ки асолати тарбияи бузурги хонаводагиро бо тамоми нозукиҳояш омӯхта бошад ва аз фарҳанги ниёгон бархурдор бошад. Як шахси соҳибфарҳанг ва бомаданият барои ҷомеа ҳазорҳо некиро метавонад ба вуҷуд орад ва ба василаи некии он чандин шахсони атрофу акноф аз фазилати некӣ манфиат бардоранд. Чуноне ки мегӯянд: "НЕКӢ НЕКИРО ТАВЛИД МЕКУНАД".



**ВОҚЕАН, ДАР ОИЛА МЕҲРУБОНӢ, ХУШГУФТОРӢ, НЕКРАФТОРӢ АРЗИ ҲАСТӢ КАРДА БОШАД, ОН ОИЛА ҲАМОН ХИСЛАТҲОИ ХУБИ БОЛОИРО ДАР ҶОМЕА ИНЪИКОС КАРДА МЕТАВОНАД.**

Некиро ҳамон инсон ба ҷомеа карда метавонад, ки соҳиби фарҳанг ва одобу услуби шоиста бошад. Аз ин рӯ, барои соҳибфарҳанг будани ҷомеаи мутамаддини имрӯза нақши оила калон аст ва моро месазад, ки барои рушд ва нумӯи кишвари азизамон бо одоби шоистаи худ кӯшиш ба харҷ диҳем, то дар оянда насли баъдӣ давомдиҳандаи кору пайкори мо бошанд.

Ҳамин тавр, оила яке аз муқаддастарин бунёдгоҳи маърифати инсонӣ, таконбахши муҳимтарин арзишҳои анъанавии инсонӣ ба шумор рафта, дар муносибат бо амали неки мо чараён мегирад ва рушд менамояд. Боварии комил дорем, ки ҳар як шаҳрванди азизи мо барои пойдории оила хизмати шоистаеро ба сомон хоҳанд расонд ва бо ин роҳ мо метавонем Тоҷикистони маҳбуби худро бо оиладӯстӣ ва муҳаббат доштан ба фарзанду хонаводаву хешу акрабо ба дигар кишварҳои ҷаҳон муаррифӣ намоем.



**Эраҷ АБДУРАҲМОНОВ**
**донишҷӯи соли 3**

**Шеър гӯям ман барои меҳанам,**
**Аз барои Тоҷикистон-модарам.**
**Қавл медиҳам ба ту ман, эй Ватан,**
**Бахри ҳифзи ту диҳам ҷону танам.**
**Зарраи хоки ту бошад гавҳарам,**
**Як қадам дар он намонад душманам.**
**Беҳ туро дар дасти душман диданам,**
**Ман ба дор бинам сару ҷону танам.**



**Исмоил ҶУРАЗОДА**
**(Савдо)**
**донишҷӯи курси 4**

# АРТИШИ МИЛЛӢ – ҲОМИИ СУЛҲУ СУБОТИ ВАТАН



**Сомон ОЛИМОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Яке аз ухдадориҳои конститутсионии шаҳрванд хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳифзи марзу буми Ватан ба шумор меравад. Вазифаи муқаддас будани ҳимояи меҳан дар Конститутсия ҶТ эълон гардидааст. Мутобиқи моддаи 43 "Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амнияти давлатӣ ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст". Сабаби асосии вазифаи конститутсионии шаҳрванд донистани амали мазкур ба он хотир аст, ки маҳз мо шаҳрвандон дар мамлакати худ умр ба сар мебарем, танҳо мо ухдадорем барои пойдории суботи оромӣ дар кишвари худ, талош варзем, чунки ягон фарди хориҷӣ ё давлати дигар барои фардои дурахшони мо мувazзаф нест. Фарде, ки воқеан Ватани худро дӯст медорад, барои ободиву осудагии мардуми он кӯшишҳои зиёд менамояд, хатман аз мактаби мардонагӣ мегузарад. Яъне мутмаин ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар мепайвандад, Ватанмодарро муҳофизат менамояд. Чунки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дар тули бисту ҳафт сол рисолати муқаддаси худ - ҳимояи амнияти давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осоиштаи мардуми Тоҷикистонро бо устувориву фидокорӣ иҷро карда истодааст.

Воқеан, Артиши миллии Тоҷикистон дар зарфи беш аз ду даҳсола ба мактаби тарбияи ватандӯстиву ватандорӣ ва меҳнату мардонагӣ табдил ёфта, то имрӯз дар сафҳои худ даҳҳо ҳазор ҷавони обутобёфтаро ба камол расонидааст. Аз ин хотир, ҳар афсару сарбоз ва ҳар ҷавоне, ки ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дохил шуда савганди ҳарбӣ ёд мекунад, ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки хизмати ҳарбӣ, пеш аз ҳама, иродаи матин, донишу маърифати муосир ва эҳсоси садоқату самимият ба халқу Ватанро талаб менамояд. Чунки ҳифзу ҳимояи амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа ва ҳаёти осудаи сокинони мамлакат бар зимаи хизматчиёни ҳарбӣ, яъне ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта шудааст.

Хулоса, Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ яке аз ниҳодҳое мебошад, ки бар зидди ҳамагуна падидаҳои манфие, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст, аз қабили терроризму экстремизм, мубориза беамон бурда, суботи сартосарӣ, якпорчагӣ, тинчиву оромӣ ва осудаҳолиро дар хонадони ҳар як сокини мамлакат таъмин менамояд.

**Рамазон ДАВЛАТЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**

Истиқлолият дастоварди муҳимтарину бузург, неъмати бебаҳои ҳар халқу миллат ба шумор меравад. Маҳз истиқлолият шароит фароҳам овард, ки мо дар шароити озоду ором умр ба сар барем ва нияту орзуҳои неки худро дар амал татбиқ намоем. Рӯзи 23-юми феврали соли ҷорӣ аз таъсисёбии Артиши миллии ҶТ 27 сол пур мешавад. Тоҷикистон баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз аввалин



давлатҳое буд, ки Артиши миллии худро таъсис дода, оромию осудагӣ ва амнияти кишварро фароҳам овард. Дар тӯли 23 соли фаъолият сохторҳои гуногуни ҳарбӣ ба бисёр дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин самт назари махсус зоҳир намуда, рушди Қувваҳои Мусаллаҳро пояи асосии давлатдорӣ меҳисобад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид месозанд, ки «Таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад то зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани ҳама арзишҳои истиқлолияти давлати ҳуқуқбунёдамонро аз даст надиҳем». Бинобар ин, бо итминон комил гуфта метавонем, ки Тоҷикистони азиз кишварест, ки баҳри ҳифзи хоки худ ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти манфур истодагарӣ карда метавонад. Чунки ҷавонони бо нангу номус, родмардони шуҷои Ватан пуштибони марзу буми аҷдодиянд.

**Диловаршо САЛОМОВ**
**донишҷӯи соли 2**



Ҷомеа ва давлат ҳамеша ба пуштибон, ғамхор ва ҳифозатгар эхтиёҷ дорад ва ин масъулияти бисёр бузург ба шарафманд бар ухдаи ҳар як шаҳрвандони бо ору номуси кишвар аст. Миллати ғаюру наҷиби тоҷик аз умқи таърих то имрӯз барои ҳимояи марзу буми Ватан ҷонисориҳои зиёд кардааст. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои навтаъсис, алалхусус давлатҳои мустақили Осиёи Марказӣ дар заминаи биною иншооти амнияти ҳарбидошта Қувваҳои Мусаллаҳи хешро бунёд намуданд. Ҳамзамон онҳо аз Артиши пуркудрати Шӯравӣ техникаи мухталифи ҷангӣ ва яроқу аслиҳаи гуногунро мерос гирифтанд. Вазъи душвори ҳарбӣ-сиёсии он солҳо имкон надод, ки Тоҷикистон аз мероси артиши собиқ Шӯравӣ барҳӯрдор гардад. Бинобар ин, мамлакат ба бунёди Артиши миллии хеш шурӯъ намуд, ки онро ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст. Давраи аввали таъсиси Артиши миллӣ ин ташкили қувваҳои ҳарбие буд, ки кобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромии ҳаёти осоиштаро дошта бошад. Давраи дуюм иборат аз такмили сохтори ташкилию штатӣ буда, бо таъсиси намудҳои асосӣ, ба монанди қушунҳои ҳушкигард, қувваҳои наздисарҳадӣ, десантура ва ғайра фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат як қатор қонуну дастурҳо ва фармонҳоро дар бораи хизмати ҳарбӣ ва ухдадориҳо қабул намуд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи ухдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ». Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии ба иҷрои ухдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ алоқаманд будаи шаҳрвандони ҶТ-ро танзим намуда, асосҳои, ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ, қайди ҳарбӣ, тайёр кардан, даъват намудан, дохил шудан, тартиби адо ва рухсат аз хизмати ҳарбӣ ва ғайраро муқарар менамояд.

**Ҷумъа ОДИНАЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Яке аз ниҳодҳое, ки пояҳои асосии давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, ин Артиши миллии мамлакат мебошад. Аз қарнҳои кӯҳан маълум аст, ки ҳеҷ давлатро дар гузаштаву имрӯза бе ин сохтори асосии давлатдорӣ тасаввур кардан имконпазир аст. Чунки ягона қуввае, ки чашми душман ҳарос мегирад, мақсаду ниятҳои нопоки онҳо барбод меравад, ин мавҷудияти Артиши миллист.



Баъди соҳиби истиқлолияти комил гардидан, мо ниҳоди бисёр муҳим барои давлатдорӣ, яъне Қувваҳои Мусаллаҳоро таъсис додем. 23 феврали соли 1993 нахустин паради ҳарбӣ баргузор гардид, ки он рӯз расман рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ эълон карда шуд. Рузе, ки тамоми мамлакат ба ин мақоми бисёр ҳам зарурӣ эхтиёҷ доштанд, рӯзе, ки қаҳрамонони Ватан бо қадамҳои устувор, ғурури миллӣ, ниятҳои нек идораи мамлакатро ба даст гирифтанд ва зери роҳбарии Пешвои миллат барои барпо намудани як ҷомеаи воқеан демокративу озод камари ҳиммат бастанд. Ва имрӯз мо дар фазои орому осуд зиндагӣ ва кору фаъолият менамоем, ки пеш ҳатто орзуи онро кардан ғайриимкон буд. Дарвоқеъ, Артиши миллӣ сипари Ватан аст.

**Алишер ҲУСЕЙНЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумори кишварҳоест, ки дар як давраи начандон тӯлонӣ дар арсаи байналмилалӣ обруву эътибор пайдо карда, мавқеи хешро устувор ва муайян намуд. Яке аз муҳимтарин



масъалаҳое, ки нуфузи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ муқаррар карда метавонад, ин қудрати ҳимоявӣ ва техникии Артиши миллӣ мебошад. Чуноне ки Президенти мамлакат таъкид кардаанд: «Артиш такягоҳи давлат ва сипари миллат аст». Барои ҳифзи Ватан ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллат санаи 18 декабри соли 1992 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ» қабул кард ва ин санад заминаҳои ҳуқуқии бунёди Артиши миллиро ба вуҷуд овард.

Таъсисёбии Артиши миллӣ масъулияти ҷавононро дар назди мардуми кишвар дучанд гардонд ва дар навбати худ Ватан ба насли ҷавон эътимод дошт ва дорад, ки ҷавонон бо баҳои хун ҳимои ин марзу бум шуда метавонанд. Гузашти таърих собит кард, ки ҷавонони диёри мо қодиранд мушкилтарин озмоиши қисматро дар роҳи ҳимояи хоки аҷдодони худ ва устувории пояҳои давлати тозаистиқлол аз сар гузаронанд ва барои дигарон намунаи ибрат бошанд.

# РИОЯИ ҚОНУНИЯТ



Муҳаммад ШАМСОВ
донишҷӯи соли 4

**Қонуният, яъне риояи бечунучарои қатъии талаботи қонунҳо буда, ҷузъи муҳимтарини қонун эътироф шудааст. Риояи ҳамаҷонибаи қонунҳо зуҳуроти камолоти ҷомеа, нишонаи суботи он ва дар натиҷа беҳбудӣ ва шукуфоӣ мебошад. Низоми ҳифзи ҳуқуқ хеле мураккаб ва фарогир аст. Аммо, яке аз ҷойҳои муҳимтарини он ин мақом ба монанди прокуратура мебошад.**

Риояи қонуният дар назорати прокурорӣ дар он таҷассум мегардад, ки дар тамоми муносибатҳои батанзимдаровардаи назорати прокурорӣ нақши муассир доранд. Ва риояи қонуният ҳамчун предмети назорати прокурорӣ дар падидаҳои мустақили назорати прокурорӣ чун ҳадафи ниҳоӣ арзёбӣ мегарданд. Матлаб аз гуфтаҳои болозикр дар он аст, ки маҳз мақомоти махсусгардонидашудаи мақомоти прокуратура аст, ки қонунҳо дар истифодаи ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор гирифта, дар шакли догма намеистанд ва сохти режими демократии давлат пойдор мегардад.



Таъмини риояи қонуният, адолат, амният, сулҳу субот ва ризоят дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад. Мақомоти прокуратура дар симои прокуророни худ бо истифода аз ваколатҳо ва санадҳои таъсиррасони хеш бахри риояи қонуният дар мамлакат мекушад ва боиси таҳсин аст, ки ягон мақом ё шахси мансабдори дигар чунин ваколатҳои васеъро дар ин ҷода надоранд. Ва ҳамин фаъолияти шабонарӯз ва пурсамари мақомоти прокуратура аст, ки таъмини риояи қонуният ва назорат аз болои қонунҳо амалӣ гардида, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд риоя ва ҳимоя карда мешаванд. Прокуратура ягона мақомоти давлатиест, ки назорати иҷроиши дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар тамоми қаламрави кишвар таъмин менамояд. Риояи қонуният воситаи хосе мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошташудаи мақомоти прокуратура ва ноил шудан ба ҳадафҳояш имконият фароҳам меоранд.

Дар воқеияти имрӯз масоили қонуният яке аз масъалаҳои рӯзмарра мебошад. Моҳияти қонуният дар фаҳмиш ва дарки ягонаи он ва татбиқи амиқи он бахри риояи меъёр ва қоидаҳои қонунгузорӣ пеш аз ҳама аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон мебошад. Мутаассифона одамон на ҳама вақт нақши ҳуқуқие, ки барои онҳо ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст, мебозанд. Қонун дар бисёр ҳолат аз ҳолатҳои реалӣ яктарафа мемонад, онро намедонанд, ба инобат намегиранд, вайрон мекунанд, нодуруст тафсир мекунанд ва аз ҳолат ба ҳолат татбиқ мекунанд. Дар ҳар як дид вобаста бо қонуният моҳияти он аз он иборат аст, ки меъёрҳои ҳуқуқии дар он ифодашуда ухдадоркунии позитивӣ иҷро шаванд, иҷозатҳо истифода карда шаванд, мамнӯъҳо риоя нашаванд, қонун воқеан, нақши танзимкунандаи худро дар ҳаёти давлат, ҷамъият ва шахс иҷро кунад.

# АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОИ ҲОДИСА



Яқуб ҲАКИМОВ
донишҷӯи соли 4

Масъалае, ки аз азал ҷомеаи ҷаҳониро зери ташвиш ва хавфу хатар қарор додааст, ин содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронае, ки ба манфиати шахсони алоҳида, ҷамъият, давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ зарар мерасонад ё бо расонидани зарар таҳдидро ба вуҷуд меорад. Ҳар шахсе, ки дар ҷомеа ҷиноят содир мекунад, бояд ҳатман ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, бояд амалеро ба сомон расонд, ки он ҷинояти содиркардаи ин субъектро пурра ва ҳаматарафа ошкор намуда, гунаҳкории ӯро дар даст доштан ба ин кирдори номатлуб исбот намояд.

Яке аз амалҳои тафтишотие, ки ба дарки бевоситаи объектҳо ва мушоҳидаи озод алоқаманд буда, бахри ошкорнамоии ҷиноят ва ҳолатҳои дигари ба парванда аҳамиятнок равона шудааст, "азназаргузаронии ҷои ҳодиса" ба ҳисоб меравад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса амали тафтишие мебошад, ки аз дарки бевоситаи объектҳои муайян аз ҷониби шахсони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ иборат буда, бо мақсади ошкор кардани осори ҷиноят (муайян кардан ва гирифтани пайҳо, предметҳо ва объектҳои дигар), муайян кардани тарзи содиршавии ҷиноят ва мустаҳкам кардани ҳолатҳои дигаре, ки барои парванда аҳаммиятноканд, мебошад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса як навъи азназаргузаронӣ ба ҳисоб рафта, дар радифи дигар намудҳои азназаргузаронӣ он низ бо мақсади ошкор кардани осори ҷиноят ва дигар объектҳои моддӣ, муайян кардани дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок анҷом дода мешавад, ки ин аз муқаррароти моддаи 182 КМҶ ҶТ бармеояд.

Ҳангоми ошкор кардани осори ҷиноят, пайҳои содиркарда ва нақши онҳо, предметҳои дар ҷойи ҳодиса ҷойдошта ва объектҳои дигари моддие, ки аз ин ҳолат дарак медиҳад, маълум карда мешавад. Ҳолатҳои дигари барои парванда аҳаммиятнок, ин тамоми ҳолатҳо аз қабили тарз, роҳ, воситаи содиркунии ҷиноят, ҳолатҳое, ки шахсияти ҷабрдида ва гумонбаршударо маълум месозад, объектҳо ва ё ашёҳои истифодашуда, ҳангоми содиркунии ҷиноят, зарари расонидашуда ва монанди инҳо дохил мешаванд. Осори объектҳои моддӣ метавонад ҳам дар ҳолати ошкори осори ҷиноят ва ҳам дар ҳолатҳои дигари барои парванда аҳаммиятнок, муайян карда шавад, аз ин лиҳоз истифодаи ибораи " дигар объектҳои моддӣ" дар сатҳи қонунгузорӣ чандон зарур нест. Таҷрибаи давлатҳои хориҷа низ ба мо нишон медиҳад, ки мақсади азназаргузаронӣ ин ошкор кардани осори ҷиноят ва ҳолатҳои дигари барои парванда аҳаммиятнок мебошад, масалан КМҶ ФР.

Дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ду мафҳум: ҷои ҳодиса ва ҷои ҷиноят истифода бурда мешавад, ки ин мафҳумҳоро бояд аз якдигар фарқ кард. Ҷои ҷиноят ҷое эътироф мешавад, ки дар он ҷо ҷиноят хотима ёфтааст. Таҳти мафҳуми ҷои ҳодиса ҷои содиршавии ҷиноят ва ё ҷои дигаре, ки диққати субъектони анҷомдиҳандаи тафтишотро ҷалб кардааст, фаҳмида мешавад. Аз ин лиҳоз ҷои ҳодиса нисбат ба ҷои ҷиноят васеътар буда, дар баробари ҷои ҷиноят, инчунин атрофи он, маҳале, ки дар он пай ва ҳолатҳои дигари ба ин ҷиноят вобаста буда, ҷой доранд, дарбар мегирад. Ҳамчунин азназаргузаронии ҷои ҳодиса гуногун буда, дар худ азназаргузаронии зеринро дарбар мегирад:

а) ҷое, ки ҷиноят содир шудааст;

б) ҷое, ки пайҳои алоҳидаи ҷиноят ёфт шудаанд;

в) ҷое, ки ҷиноят содир нашудааст, лекин тайёрӣ ба содиркунии ҷиноят, бо мавҷуд будани пайи ҷиноят ва аломатҳои таркиби ҷиноят мавҷуд аст.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса бо протокол ба расмият дароварда мешавад, ки ин протокол метавонад ба сифати далел барои исботи гунаҳкор ё бегуноҳии шахси содиркарда баромад намояд. Субъекти анҷомдиҳандаи ин амали тафтишӣ бояд протоколро тарзе тартиб диҳад, ки он барои ҳама фаҳмо бошад. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса амали тафтишии ивазнашаванда аст, дар вақти зарурӣ нагузаронидан ё ин ки бе сифат гузаронидани ин амали тафтишӣ моро аз имконияти пурра ва аниқ тасвир кардани ҷои ҳодиса маҳрум менамояд.

Тамоми амалҳои тафтишӣ, аз ҷумла азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳам аз нигоҳи илми мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳам илми криминалистика омӯхта мешавад. Агар илми мурофиаи ҷиноятӣ асос, мақсад, тартиб, талаботро нисбат ба ин амали тафтишӣ пешбинӣ намояд, илми криминалистика бошад, санъати пешбурди (тактика) азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва тартиби истифодаи воситаҳои илмӣ — техникиро дар ин амали тафтишӣ пешбинӣ менамояд. Аслан амалҳои тафтишӣ ба илми мурофиаи ҷиноятӣ раб доранд, илми криминалистика бошад, онро аз нигоҳи амалиявӣ меомӯзад. Асос ва тартиби гузаронидан, талабот ҳангоми гузаронидан, тартиби барасмиятдарории азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар КМҶ мустаҳкам шуда, илми мурофиаи ҷиноятӣ онро меомӯзад. Албатта санъати пешбурди ин амали тафтишӣ аз дониш, маҳорат ва малакаи касбии субъекти анҷомдиҳандаи ин амалӣ тафтишӣ вобастагии зиёд дорад.

**Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун амали тафтишӣ барои пурра ва ҳаматарафа ошкор намудани ҷиноят, мавқеи махсуси худро дорост. Аҳаммияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар инҳо ифода меёбад:**

**- ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ҳодисаи ҷиноят метавонад пурра ва ҳаматарафа ошкор карда шавад.**

**- ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса далелҳои шайъие ёфт мешаванд, ки ба ҳодисаи ҷиноят раб дошта, дар худ пайҳоеро соҳиб мебошанд, ки аз ҷинояти содиршуда дарак медиҳад.**

**- азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонад ба банду басти ҷиноят таъсир расонад. Барои ин дуруст санҷидани ҳолати воқеии кор дар ҷои ҳодиса шарт ва муҳим аст.**

**- пурра, ҳаматарафа ва объективона анҷом додани азназаргузаронии ҷои ҳодиса метавонад, барои гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ кӯмак расонида, шароит фароҳам орад.**

**- ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида метавонад муайян карда шавад.**



# ИНТИХОБОТ – НИШОНАИ СОҲИБИХТИЁРИИ ХАЛҚ

**Дар замони муосир интихобот, яке аз воситаҳои асосие мебошад, ки ба воситаи он иштироки шаҳрвандон дар ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таъмин карда мешавад. Дар ҷаҳон кишваре мавҷуд нест, ки дар он аз интихобот истифода нашавад. Новобаста аз сохти сиёсӣ, шакли давлатдорӣ аксарият кишварҳои олам рӯ ба интихобот меоранд ва интихоботро омили асосии пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии хеш, аз ҷумла соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор додаанд. Бояд гуфт, ки интихобот яке аз меъёрҳои асосии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта, ба воситаи он ҳокимият ба таври осоишта ва бо иродаи халқ, аз дасти як гурӯҳ ба дасти гурӯҳи дигар мегузарад.**



Саидакбар ҚОДИРОВ
донишҷӯи соли 3

Дар замони муосир интихобот яке аз воситаҳои асосие мебошад, ки тавассути он иштироки шаҳрвандон дар ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки новобаста аз сохти сиёсӣ, шакли давлатдорӣ дар ҷаҳон кишваре мавҷуд нест, ки аз интихобот истифода набарад. Чунки аксарияти кишварҳои олам рӯ ба ин падидаи муҳимми демократӣ ниҳодаанд ва онро омили асосии пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии хеш медонанд. Бояд гуфт, ки интихобот яке аз меъёрҳои асосии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта, имкон дорад, ки ба воситаи он ҳокимият ба таври осоишта ва бо иродаи халқ аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузарад.

Самаранокии интихобот ва аз тарафи тамоми ҷомеа эътироф гардидани натиҷаҳои он, яке аз нишонаҳои асосӣ ва муҳимми ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Мафҳуми демократия ин маънои ҳокимияти халқро доро мебошад ва яке аз шаклҳои амалигардии ҳокимияти халқро таҷассумкунанда, ин маҳз интихобот ба шумор меравад. Интихобот аз маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба тамоми шаҳрвандони давлат ҳуқуқҳои субъективиро оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба вуҷуд меорад.

Дар ҷаҳони мутамаддин санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ интихобот ва ҳуқуқи интихоботиро эътироф карда, ба ҳар як шаҳрванд бевосита амалигардии онҳоро кафолат додаанд. Агар ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ назар афканем, дар он дарҷ гардидааст: **“Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешавад, иштирок намояд, инчунин интихоб кунад ва интихоб шавад”.**

Дар баробари ин, санади дигари байналмилалӣ, ки таҷассумгари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба шумор рафта, бевосита дар моддаи 21 он моҳияту хусусиятҳои интихобот чунин дарҷ гардидааст. “Ҳар як инсон ҳақ дорад, бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шуданд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд. Иродаи халқ бояд поя ва асоси қудрати ҳукумат бошад, ин ирода бояд ба воситаи интихоботи давра ба давра ва бидуни сохтакорӣ, ки дар сурати мавҷудияти ҳаққи интихоботи умумӣ ва баробар бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути шаклҳои дигари баробар, ки овоздиҳии озодонаро таъмин менамоянд, ба амал бароварда мешавад». Дар баробари санадҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, дар Конститутсияи хеш халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуда, ба шаҳрвандон ҳуқуқи дар интихобот ширкат варзидан ва интихоб шуданро дар сатҳи конститутсионӣ кафолат додааст.

**Бояд қайд намуд, ки дар кишвари биҳиштосои мо Тоҷикистони азиз маъракаи муҳими сиёсӣ, интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ рӯзи 1-уми марти соли ҷорӣ баргузор мегардад. Ҳар як шаҳрванд бояд бо ҳисси баланди ватандустию ватандорӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, ҳамчун фарди комилҳуқуқи ҷомеа барои пешрафт ва тараққиёти минбаъдаи кишварамон, инчунин дар рушди ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми худро гузорад.**

**Зеро иштирок ва интихоби дурусти мо барои пешравии давлати азизамон Тоҷикистон, хушбахтии миллати тоҷик, оромиву осоиштагӣ, Ваҳдати миллӣ ва пойдории сулҳу субот ва баланд бардоштани эътибору нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар байни давлатҳои мутараққии ҷаҳон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ шароити басо муҳимеро фароҳам меорад. Зеро пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони азизамон аз дуруст интихоб намудани вакили арзанда вобастагии амиқ хоҳад дошт.**




## ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ МУҲИМ АСТ, ЧУНКИ...

1. Ин қарзи шаҳрвандии ҳар як тоҷикистонист!
2. Бо интихоби ин ё он вакил мо ояндаро интихоб мекунем!
3. Бо иштирок дар интихобот шаҳрванд нишон медиҳад, ки ба тақдири имрӯзу фардои Ватан бетараф нест!
4. Ширкат дар интихобот аз фарҳанги сиёсиву ҳуқуқии шаҳрванд гувоҳӣ медиҳад.
5. Шаҳрванд алоқамандии ҳаёти худро бо ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ эҳсос мекунад.
6. Интихобот ин ҷашн аст!

## МАН ОВОЗ МЕДИҲАМ, ЧУНКИ...

1. Дар ин кишвар зиндагии орому осуда дорам!
2. Ман шаҳрванди мамлакати худ мебошад!
3. Ин ҳуқуқи ман аст ва онро амалӣ месозам!
4. Ҳамчун узви ҷомеа аз дигарон тафовут надорам!
5. Барои боз ҳам беҳтар гардидани фардои кишвар овоз медиҳам!
6. Худро дар назди наслҳои минбаъда вазифадор ҳис мекунад!

**ҲАМА БА ИНТИХОБОТ!**

**БЕТАРАФ НАБОШ!**

**ОВОЗ БИДЕҲ!**